# ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## (натиҷаи фаъолият дар соли 2016)

***Душанбе 2017***

# ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**(натиҷаи фаъолият дар соли 2016)**

***Муаллиф-таҳиягар: Нигина Баҳриева***

Ҳисоботи мазкур дар асоси маълумоту иттилооте, ки аз ҷониби ташкилотҳои аъзои Эътилофи зидди шиканҷа пешниҳод гардидаанд, таҳия карда шудааст.

Дар таҳияи бобҳои ҳисобот шахсони зерин саҳмгузоранд: Нигина Баҳриева, Наҷиба Ширинбекова, Парвина Наврузова, Таҳмина Ҷураева, Гулчеҳра Раҳмонова, Шоира Давлатова, Фавзия Назарова.

**МУНДАРИҶА**


| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | |
| **1** | Ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки фаъолият | … |
| **2** | Сохтори Эътилоф | … |
| **3** | Фаъолияти Эътилоф дар соли 2016 | … |
| **3.1.** | Фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | … |
| **3.2.** | Ҷорӣ намудани системаи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона | … |
| **3.3.** | Кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ | … |
| **3.4.** | Ҷорӣ намудани Принсипҳои Истамбул ҷиҳати самаранок анҷом додани тафтишоти тиббӣ ва ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | … |
| **3.5.** | Фаъолияти таҳлилӣ ва пешбарӣ кардани тавсияҳои эътилофи озодӣ аз шиканҷа (эдвокасӣ) | … |
| **3.6.** | Интишор кардани мушкилоти шиканҷа дар воситаҳои ахбори омма | … |
| **3.7.** | Фаъолияти фаҳмондадиҳии аҳолӣ | … |

**РӮЙХАТИ ИБОРАҲОИ ИХТИСОРШУДА**

АНМ – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДНДҲИ – Дафтар оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон

ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СРИҶҶ – Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

ГЁҲ – Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ

ГО – Гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ТСТ – Ташхиси судии тиббӣ

КҲИ – Кумитаи ҳуқуқи инсони Созмони милали муттаҳид

ШИМ – Шахси имконияташ маҳдуд

ВКД – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КБСС – Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх

ВМ – Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

СБҒ – Созмони байналмилалии ғайриҳукуматӣ

ҲБҲИ – Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон

ИБМ – Ислоҳоти байналмилалии маҳбас

ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТҒҲ – Ташкилоти ғайриҳукуматӣ

МПМ – Механизми пешгирикунандаи миллӣ

ТҶ – Ташкилоти ҷамъиятӣ

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

ШВКД – Шӯъбаи вазорати корҳои дохилӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ФҶ – Фонди ҷамъиятӣ

БРСММ – Барномаи рушди СММ

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ТТ – Тавқифгоҳи тафтишотӣ

ПИ – Протоколи Истамбул

ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИҶК БМ – Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад

ТНМ – Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ

ДИ ПҶТ - Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

МИ – Муассисаи ислоҳӣ

ИКОҲИ – Идораи Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон

КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

ТҶ– Тавқифгоҳи Ҷаримавӣ

ТДУ – Тафсири даврии универсалӣ

ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

ПИКЗШ – Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа

ОМ – Осиёи Марказӣ

ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони СММ

**Ибораҳои ихтисоршудаи забони англисӣ**

USD – доллари ШМА

DCAF – Маркази назорати демократии Қувваҳои Мусаллаҳ

DFID – Департамент оид ба рушди байналмилалӣ

ABA/ROLI – Ассотсиатсияи Амрикоии Ҳуқуқшиносон/ Ташаббус вобаста ба волояти қонун

NED – Фонди миллии рушди демократия

## МУҚАДДИМА

Эътилофи ТҒҲ зидди шиканҷа моҳи сентябри соли 2011 ҷиҳати муттаҳид сохтани кӯшишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳри мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Аз он вақт инҷониб Эътилоф ба сохтори мутаносибан фаъолияткунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт, ки ҳам дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф карда мешавад. Эътилоф барои тамоми аъзоён ва шарикон заминаи муҳим ва муҳити бехатар маҳсуб меёбад, ки дар доираи он метавон кӯмаку дастгирӣ, маслиҳат ва машварати касбиро гирифт, сатҳи тахассуси худро баланд бардошт, саъю кӯшишҳоро ҷиҳати боз ҳам самараноктар таъсир расондан муттаҳид сохт ва назди шахсоне, ки қарорҳо қабул мекунанд, ҷабрдидагон ва донорҳо бо як овоз баромад намуд. Шаффофияти фаъолият ва ахлоқи касбӣ дар фаъолияти Эътилоф принсипҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Аъзо ва шарикони Эътилоф ТҒҲ пешқадаму дорои таҷрибаи чандинсола мебошанд, ки онҳоро ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ кӯмаку дастгирӣ менамоянд ва онҳо ҷиҳати бурдани гуфтушунидҳо ва муколама бо ҳукуматдорони ҷумҳурӣ дорои имконияту шароитҳои дахлдор мебошанд, бо воситаҳои ахбори омма, ки дар пешбурди фаъолияти мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ нақши калидиро мебозанд робитаҳоро мустаҳкам менамоянд. Эътилоф дар оғоз намудани муҳокимаи ҷамъиятӣ вобаста ба масъалаи ҳолатҳои шиканҷа мусоидат намуд ва доир ба вазъи ҳолати ҷойдоштаи сатҳи инфиродӣ (кор бевосита бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо) ва сиёсӣ (таҳлили сиёсат, иштирок дар пешбарии сиёсат) фаҳмиши хуб дорад ва барои пешбарӣ кардани тавсияҳои худ аз механизмҳои миллӣ ва байналмилалӣ самаранок истифода менамояд.

Дар соли 2016 ба Эътилоф муяссар гардид, ки ба тағйиротҳои соҳаи муқовимат ва муборизаи самаранок бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон ноил гардад:

- Дар соли 2016 аз ҷониби ташкилотҳои аъзои Эътилоф 57 ҳолати шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ карда шудааст. Вобаста ба 41 парвандаи марбут ба ҳолати шиканҷа ва муносибати бераҳмона кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод карда шуд, ки аз онҳо 30 парвандаи нав ва 11 парвандае, ки дар солҳои пешин ба қайд гирифта шудаанд ва аз ҷониби ҳуқуқшиносони Эътилоф пеш бурда мешаванд, мебошанд.
- Дар натиҷаи кори фаъоли адвокатҳо дар соли 2016 вобаста ба парвандаҳои хизматчиёни ҳарбӣ панҷ ҳалномаи айбдоркунӣ бароварда шуда, ҳайати афсарӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд. 13 нафар ба мӯҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд, аз онҳо 6 нафарро ҳайати роҳбарикунанда ташкил кард.
- Бори аввал дар амалия муроҷиат оид ба талаби пурсиши узр ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба кирдори содиркардаи кормандони милиса, ки нисбати сокини Панҷакент Г.Ф. шиканҷа истифода намуданд, пешниҳод карда шуд. Дар натиҷаи чунин муроҷиат роҳбари ШВКД-и шаҳри Панҷакент аз Г.Ф. ба таври шифоҳӣ узрхоҳӣ намуд. Инчунин аз ҷавоби хаттӣ низ интизор меравад.
- Эътилоф дар бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад, таҷрибаи судии ҷорӣ намудани амалияи аз ҷониби давлат ба таври дуруст ҷуброн гардидани товони зарари ба ҷабрдидагони шиканҷа ва хешовандони онҳо расонидашударо зиёд менамояд. Дар соли 2016 вобаста ба 2 парванда ҳалномаи ҷуброн гардидани товони зарари расонидашуда бароварда шуд, вобаста ба як парванда рад карда шуд ва баъдан қатъ гардид, нисбати 2 ҳалномаи суди шикоят оварда шуд.[1] Вобаста ба 7 парванда пешниҳод намудани даъво оид ба ҷуброн гардидани товони зарар ба нақша гирифта шудааст, инчунин вобаста ба 2 парванда оид ба рӯёндани товони зарари маънавӣ ва моддӣ барои ба таври самаранок анҷом дода нашудани тафтишот. Вобаста ба парвандаҳои марбут ба ҷуброн намудани товони зарар 9 арзёбии психологӣ оид ба рӯёндани товони зарари маънавӣ гузаронда шуд.
- Дар соли 2016 ҳамаги 25 нафар аз офиятбахшӣ гузаштанд, ки ёздаҳ нафари онҳоро занон ва 14 нафарро мардон ташкил медиҳанд. Даҳ нафар – шахсоне, ки бевосита дар натиҷаи

---

[1] Шарҳи марҳилаи таҳия, пешниҳод ва баррасии шикоят дар суд вобаста ба ҷуброни товони зарар. Шарҳи пурраи парвандаҳо дар ГЁҲ дастрас аст.

нисбати онҳо истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона зарар дидаанд, боқимонда 15 нафар – аъзоёни оилаҳои ҷабрдидагони шиканҷа. Ду нафар ҷабрдидаро ноболиғон ташкил доданд.

- Ташкилотҳои аъзои Эътилоф аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ мебошанд, ки назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Соли 2015 гурӯҳи мазкур аз 16 муассисаи пӯшидаву нимпӯшида ва се қисми низомӣ боздид намуд.
- Эътилоф мониторинги аз ҷониби Тоҷикистон иҷро шудани ӯҳдадориҳои худ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷаро анҷом медиҳад, ба мақомоти СММ гузоришҳои алтернативӣ омода месозад, инчунин ҳангоми муколамаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар ҷараёни пешбарӣ намудани озодӣ аз шиканҷа фаъолона иштирок мешкунад.
- Аз ҷониби Эътилоф дар ВАО доир ба ҳолатҳои алоҳидаи шиканҷа зиёда аз 416 маводи иттилоотӣ-таҳлилӣ нашр гардид, аз ҷумла вобаста ба масъалаи озодӣ аз шиканҷа, 4 маводи видеоӣ, 18 шарҳи матбуотӣ ва шаш барномаи телевизионӣ ва радиоӣ, тақрибан 20 вохӯрӣ ва брифингҳо бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ва бо ҳайатҳои намояндагони (делегатсия) расмии дигар кишварҳо гузаронида шуд.
- Аз ҷониби Эътилоф доир ба ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда 18 ҷаласаи иттилоотӣ гузаронида шуд, ки дар онҳо 434 нафар иштирок карданд, аз онҳо: кормандони ВКД ҶТ – 422 нафар (муфаттишон, кормандони оперативии тафтишоти ҷиноятӣ, нозирони минтақавӣ, кормандони қисми навбатдорӣ ва инспексияҳои кор бо ноболиғон, кормандони шӯъбаҳои хушунати (зӯроварии) хонаводагӣ), 2 намояндаи Қабулгоҳи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Хатлон.

Эътилоф торномаи худро дорад, ки суроғаи он чунин аст www.notorturetj.org ва он воситаи фарогири иттилоотии марбут ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон мебошад, ки аз он метавон мақолаҳои дахлдори ВАО, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқҳо, мусоҳиба ва дигар маълумоту иттилооти заруриро дастрас намуд.

Дар соли 2016 фаъолияти умумии Эътилоф тариқи лоиҳаҳои «Пешбарии озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон», ки бо кӯмаку дастгирии Шӯъбаи Созмони Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон татбиқ шуд, «Фаъолият баҳри Ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дастгирӣ карда шуд, инчунин лоиҳаи «Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон», ки аз ҷониби Фонди Зигрид Рузинг дастгирӣ шуд, маблағгузорӣ гардид.

## 1. ҲАДАФ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТ

### 1.1. Эътилоф назди худ ҳадафу мақсадҳои зеринро мегузорад:

- Муттаҳидсозии кӯшиш ва талабот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ташаккули сиёсати «таҳаммулнопазирии комил» нисбат ба шиканҷа дар Тоҷикистон;

- Бо такя ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи озодӣ аз шиканҷа, равона сохтани кӯшишҳо баҳри такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи истифодаи қонунҳо.

### 1.2. Афзалият ва самтҳои асосии фаъолияти Эътилоф барои солҳои 2016-2020:

1) Пешбарӣ намудани таъсиси системаи самараноки эътино ба арзу шикоятҳо дар бораи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа дар Тоҷикистон

2) Пешбарӣ намудани татбиқи стандартҳои Протоколи Истамбул дар қонунгузорӣ ва амалия, аз ҷумла таъсиси ниҳоди ташхиси (экспертизаи) мустақили тиббии судӣ



3) Пешбарӣ намудани таъсиси ниҳоди назорати ҷамъиятӣ аз болои ҷойҳои маҳуд ва маҳрумият аз озодӣ

4) Пешбарӣ намудани беҳтаргардонии механизмҳои самараноки ҷуброни товони зарар ба ҷабрдидагон ва аъзоёни оилаҳои онҳо, аз он ҷумла ҷуброни одилонаву дуруст ва таъмин намудани воситаҳо барои эҳтимолан офиятбахшии пурратар.

Дар соли 2017 Эътилоф фаъолияти худро дар самтҳои зерин идома хоҳад дод:

- Такмили минбаъдаи торномаи иттилоотии Эътилоф www.notorturetj.org, ки барои аҳли ҷомеа ва гурӯҳҳои касби манбаи ягонаи маълумоту иттилооти пурраву боэътимод оид ба ҳолатҳои алоҳида, натиҷаҳои мониторинг ва ҳисоботҳо доир ба вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон мебошад. Торнома ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба вазъи озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон мусоидат мекунад ва ҳамчун заминаи мубодилаи маълумоту иттилоот байни тамоми субъектҳои асосии сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ хизмат мекунад.
- Пешниҳод намудани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ, ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифода гардидани шиканҷа. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ба Эътилоф ҷиҳати дастрас намудани маълумоту иттилооти бевосита оид ба вазъи шиканҷа дар кишвар мусоидат хоҳад кард. Бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ бошад ҷиҳати ба роҳ мондани амалияи устувори истифода гардидани меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, ҳамчунин амалияи тибқи стандартҳои байналмилалӣ ҷуброн гардидани товони зарар ба ҷабрдидагон ва хешовандони онҳо муфид хоҳад буд.
- Анҷом додани мониторинги иҷро шудани тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа, Кумитаи оид ба ҳуқуқи инсон, Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа аз рӯи натиҷаҳои боздидҳои ӯ ба Тоҷикистон.
- Таҳияи ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва гузоришҳои алтернативӣ ба мақомоти СММ, аз ҷумла дар доираи муколамаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон.
- Иштироки фаъолона дар пешбарӣ намудани сиёсати миллӣ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа: таъсиси ниҳоди мониторинги мустақили ҷойҳои махрумият аз озодӣ, такмили қонунгузорӣ, татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани Протоколи Истамбул.
- Гузарондани тренингҳо ва чорабиниҳои маърифатӣ доир ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа барои адвокатҳои аҳли амал ва намояндагони соҳаи ҳуқуқшиносӣ.
- Тақвият бахшидани ҳамкориҳои минтақавӣ бо Эътилофҳои зидди шиканҷаи Қазоқистон ва Қирғизистон, муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳо баҳри мубориза самаранок бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

## 2. СОХТОРИ ЭЪТИЛОФ

Эътилофи зидди шиканҷа намояндагони ташкилоту созмонҳои ҳуқуқҳимоякунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони инфиродиро, ки фаъолияти худро баҳри мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона анҷом медиҳанд, муттаҳид месозад ва фаъолияти худро дар асоси **Қоида ва шартҳои мувофиқашудаи иштирок дар Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ва Стратегияҳои дахлдор** анҷом медиҳад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2016 аъзо ва шарикони Эътилофи ташкилотҳои ғайриҳукуматии зидди шиканҷа дар Тоҷикистонро 11 ташкилоти ҷамъиятӣ ва 6 шахсони инфиродӣ ташкил медиҳанд:

1. ТҶ «Апейрон»
2. ТҶ «Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир»
3. ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»
4. ТҶ «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»
5. Фонди ҷамъиятии «Нотабене»
6. ТҶ «Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон»
7. ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»
8. ТҶ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»
9. Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
10. ТҶ «Имкониятҳои баробар»
11. ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон»
12. Аскар Турсунов, адвокат
13. Аҳлиддин Салимов, рӯзноманигор
14. Наргис Ҳамробоева, рӯзноманигор
15. Фазлиддин Хоҷаев, рӯзноманигор
16. Ойниҳол Бобоназарова, коршиноси мустақил
17. Умед Ниёзов, адвокат

Эътилоф дорои торномаи www.notorture.tj, саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Twitter, Google+ буда, фаъолона бо воситаҳои ахборӣ омма ҳамкорӣ менамояд.

### 2.1. Гурӯҳҳои корӣ ва мақомоти роҳбарикунанда:

1. **Шӯрои Эътилоф –** ҳама аъзоён ва шарикони Эътилоф
2. **Ҳамоҳангсози Эътилоф –** Фонди ҷамъиятии «Нотабене»
3. **Гурӯҳ оид ба мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ –** Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»
4. **Гурӯҳи кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ –** Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» (дар асоси Низомнома амал мекунад)
5. **Гурӯҳи офиятбахшӣ –** Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
6. **Гурӯҳи медиавӣ (расонаӣ) –** Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон» (дар асоси Стратегия амал мекунад)

### 2.2. Ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ

Дар давоми соли 2016 Эътилоф корҳоро ҷиҳати ҳамоҳангсозии дохилии фаъолият идома дод.[2]

**Тағйир додани номи Эътилоф.** Бинобар сабабе, ки айни замон як қисми аъзоёни Эътилофро шахсони инфиродӣ ташкил медиҳанд, аз ҷониби Шӯрои Эътилоф қарор қабул карда шуд, ки номи Эътилоф аз 01 июли соли 2016 ба «Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон» тағйир дода шавад.

**Стратегияи Эътилоф барои солҳои 2016-2020.** Дар анҷоми соли 2015 таҳияи Стратегияи нави Эътилоф барои солҳои 2016-2020 оғоз гардид. Бо аъзоён ва шарикони Эътилоф як қатор вохӯриҳо ва машваратҳо гузаронида шуд, самаранокии Стратегияи қаблӣ арзёбӣ гардид, вазифаҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти Эътилоф муқаррар карда шуданд. Стратегияи Эътилоф моҳи феврали соли 2016 зимни вохӯрии солонаи аъзоён ва шарикони Эътилоф қабул карда шуд.

[2] Ҳамоҳангсозии фаъолияти Эътилоф дар доираи лоиҳаи «Пешбарии озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон», ки бо кӯмаку дастгирии Шӯъбаи Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон татбиқ мегардид, амалӣ карда шуд.

**Таҳия намудани гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2015.** Давоми моҳҳои январ-феврали соли 2016 таҳияи гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2015 оғоз гардид. Гузориш ба забони англисӣ тарҷума шуда моҳи феврали соли 2016 бо забони русӣ ва англисӣ нашр гардид. Ҳангоми машваратҳои миллӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа, ҷаласаҳои иттилоотӣ ва конференсияҳои минтақавии Эътилофи зидди шиканҷаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон гузориш байни доираи васеи иштироккунандагон тақсим карда шуд.

**Ҳисоботҳои семоҳа ва нимсолаи Эътилоф барои соли 2016.** Роҳбарони гурӯҳҳои корӣ доир ба фаъолияти гурӯҳҳо ҳисоботҳои семоҳа омода карда ба роҳбари Эътилоф пешниҳод мекунад. Ҳисоботҳои семоҳа нашр карда намешаванд. Мақсади асосии омода намудани ҳисоботҳои семоҳа мониторинги ҷараёни татбиқи фаъолияти самтҳои алоҳидаи фаъолияти Эътилоф, рафъ намудани мушкилот ва мушкилотҳои бавуҷудмеомада, инчунин банақшагирии самаранок барои моҳҳои минбаъда мебошад. Соли 2016 қарор қабул карда шуд, ки гузориши нимсолаи фаъолияти Эътилоф нашр карда шавад ва он дар торномаи Эътилоф ҷойгир карда шудааст.

**Ҷаласаи солонаи Эътилоф.** 22-23 феврали соли 2016 дар маҷлисгоҳи Идораи САҲА дар Тоҷикистон ҷаласаи солонаи Эътилофи зидди шиканҷа баргузор гардид. Дар ҷаласа 40 аъзо ва шарикони Эътилоф иштирок карданд. Дар рафти ҷаласа натиҷаҳои фаъолияти Эътилоф ва гурӯҳҳои кории алоҳида баррасӣ карда шуданд, интихоби роҳбарони гурӯҳҳои корӣ гузаронида шуд, стратегияи нави Эътилоф барои солҳои 2016-2020 қабул гардид. Рӯзи дуюми ҷаласа **барои намояндагони сафоратхонаҳо, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва донорӣ брифинг анҷом дода шуд**, ки дар он натиҷаҳои фаъолияти Эътилоф дар соли 2015 манзур карда шуд ва имкониятҳои ҳамкорӣ дар соли 2016 баррасӣ гардид.

**Конференсияи минтақавии "Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии шиканҷа: таҷрибаи Эътилофи ТҒҲ бар зидди шиканҷаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон" (31 май – 2 июни соли 2016), Душанбе.**




31 май – 2 июни соли 2016 дар маҷлисгоҳи меҳмонхонаи Хаятт-и шаҳри Душанбе дар доираи лоиҳаи "Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон" [3] конференсияи минтақавии хотимавӣ "Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии шиканҷа: таҷрибаи Эътилофи ТҒҲ бар зидди шиканҷаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон" баргузор гардид. Дар конференсия зиёда аз 60 нафар иштирок карданд – намояндагони Эътилофи зидди шиканҷаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, Фонди Хелсинки оид ба ҳуқуқи инсон (Варшава), Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Белгия), Институтҳои Ҷомеаи кушода, намояндагони ТҒҲ Арманистон, Ҳайати намояндагони (делегатсияи) Шӯрои Аврупо дар Тоҷикистон ва Маркази САҲА дар Тоҷикистон, аз ҷумла коршинос оид ба масъалаҳои ҷуброни товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа хонума Елена Волочай.

Мақсади асосии баргузор намудани конференсия аз мубодилаи таҷрибаи беҳтарин амалияи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа, инчунин рафъ намудани мушкилоту мушкилотҳои асосие, ки ҳомиёни ҳуқуқ, ҳуқуқшиносон, адвокатҳо ва журналистон дар доираи фаъолияти пешгирӣ ва мубориза самаранок бар зидди шиканҷа дучор мегарданд, иборат буд. Конференсия ба иштироккуннадагон имконияти эҳсос кардани ягонагии минтақавӣ ва дастаҷамъӣ, инчунин доштани таҷрибаи зиёд ва донистани усулҳои гуногуни

[3] Лоиҳаи «Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» аз ҷониби Идораи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният (Қазоқистон), ФҶ «Нотабене» (Тоҷикистон), Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Белгия), Фонди Хелсинкӣ оид ба ҳуқуқиинсон (Варшава) бо кӯмаку дастгирии Шӯрои Аврупо татбиқ мегардад.

ҳалли мушкилотҳое, ки намояндагони Эътилофи зидди шиканҷа бо онҳо дучор мегарданд, фароҳам овард.

**Буклетҳои Эътилофи зидди шиканҷа.** Аз ҷониби кормандони ТҶ «Нотабене» буклет оид ба фаъолияти Эътилоф таҳия гардид. Буклет ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда дар ҳаҷми 1000 нусха ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ба табъ расид. Ҳангоми ҷаласаҳои иттилоотӣ, семинарҳо, мизҳои муддавар, иқдомҳо ва дар ҷараёни ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона буклетҳо ба иштироккунандагон тақсим карда шуданд.

Соли 2016 бо мақсади **таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва пурзур кардани амнияти** ташкилотҳои аъзои Эътилоф дар тамоми коргоҳҳои (утоқҳои корӣи) ташкилотҳои аъзои Эътилоф видео камераҳои назоратӣ насб карда шуд, 30 маҷмӯъи барномаҳои литсезнионии Microsoft Windows, Microsoft Office, Antivirus дастрас карда шуд, доир ба такмили иқтидори техникӣ, андозбандӣ ва коргузорӣ дар ТҶ тренингҳо гузаронида шуданд.

## 3. ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ ДАР СОЛИ 2016

### 3.1. ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ КОРӢ ВОБАСТА БА МОНИТОРИНГИ ҶОЙҲОИ МАҲДУД ВА МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ

**3.1.1. Гурӯҳи корӣ вобаста ба мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ** дар доираи афзалиятҳои стратегии Эътилоф таъсис дода шуда назди худ мақсад мегузорад: а) пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва таъсис додани механизми миллии пешгирикунанда, б) таъсис додани механизми мониторинги мустақили ҷамъиятии ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ.

Ҳамоҳангсози гурӯҳи корӣ Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният (ҳамоҳангсоз – Таҳмина Ҷураева) мебошад.

Гурӯҳ аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа мебошад, ҳамоҳангсози механизми мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ[4] (минбаъд Гурӯҳи корӣ) ва кори Гурӯҳи мониторингии вобаста ба боздиди ҷойҳои маҳдудият ва маҳрумият аз озодиро (минбаъд Гурӯҳӣ мониторингӣ) ҳамоҳангсозӣ менамояд.

Соли 2016, фаъолияти гурӯҳ дар доираи лоиҳаи «Мониторинги муассисаҳои пӯшида», ки аз ҷониби Идораи САҲА дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мешуд, дастгирӣ гардид. Самтҳои алоҳидаи гурӯҳи мониторингӣ бевосита аз ҷониби Шӯъбаи минтақавӣ барои Осиёи Марказии Идораи Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи башар ва БРСММ маблағгузорӣ гардид.

24 феврали соли 2016 ҷаласаи кории аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ баргузор гардид, ки дар он баррасии нақшаи корӣ барои соли 2016, инчунин тафсир ва такмил додани воситаҳои анҷом додани боздидҳои мониторингӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ 20.05.2016 дар тренинг оид бо ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва шахсоне, ки таҳти ҳабс қарор доранд, ки аз ҷониби Идораи САҲА дар Тоҷикистон барои кормандони ТНМ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шуда буд, иштирок карданд.

03.06.2016 Ҳамоҳангсозӣ гурӯҳ дар мизи муддавар бахшида ба мавзӯи таҳқиқи иҷтимоӣ-иқтисодии истифода шудани авф дар Тоҷикистон иштирок намуд. Ҷамъомади мазкур аз ҷониби Идораи САҲА дар Тоҷикистон баргузор карда шуд.

**3.1.2. Пешбарӣ намудани ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

---

[4] Гурӯҳи корӣ оид ба пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани ПИ ба КЗШ, ҳамоҳангсозӣ ва мусоидаткунонии механизми мониторингӣ 6 августи соли 2013 бо Супориши ВҲИ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ аз 12 намояндаи мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат мебошад: Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ, СРИҶҶ ҶТ, Суди олии ҶТ, Парламенти ҶТ, Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, профессор Шарипов Т. ФҶ «Нотабене», ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният», ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон», ТҶ «Авесто».

Соли 2015 гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ таъсис дода шуд. Ба ҳайати гурҳи мазкур танҳо намояндагони Вазорати адлия ва СРИҶҶ дохил мебошанд. 06.06.2016 Ҳамоҳангсози гурӯҳ дар ҷаласаи Вазорати адлияи ҶТ дар доираи ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар он таҳияи охирини лоиҳаи Стратегия муҳокима карда шуд, ширкат варзид. Бояд қайд кард, ки намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар корҳои вобаста ба таҳияи лоиҳаи Стратегия иштирок накарданд. Соли 2017 дар доираи Стратегияи мазкур таҳияи Нақшаи корӣ дар назар дошта шудааст, ки барои анҷоми он ҷалб намудани шумораи зиёди намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба нақша гирифта шудааст.

Соли 2016 дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ **ҳуҷҷат оид ба механизми ирсоли далелҳои дар ҷараёни анҷом додани мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ ошкоршудаи ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмонаи эҳтимолӣ** таҳия шуда барои мувофиқа ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ пешниҳод карда шуд. Ҳуҷҷат дар худ нақшаи амалҳоеро дар бар мегирад, ки аъзои гурӯҳи корӣ ҳангоми анҷом додани боздидҳо ба муассисаҳои пӯшидаву нимпӯшида далелҳои истифода гардидани шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро ошкор мекунад, иҷро намояд.

Дар соли 2016 ба гурӯҳи мониторингӣ **се маълумот оид ба ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ** пешниҳод гардид (2 муроҷиат аз МИ ЯС 3/1 ва як муроҷиат аз ТТ ВА ҶТ). Қобили зикр аст, ки айни замон аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ ба ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ҷиҳати анҷом додани санҷиши муроҷиатҳо оид ба истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона дастрасӣ надоранд. Бинобар ин, аризаҳо барои санҷида шудани маълумотҳои дар онҳо дарҷшуда ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ ва ба Прокуратураи ҶТ супорида шуданд.

**Боздиди ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ.** Аз моҳи январ то моҳи декабри соли 2016 бидуни огоҳонии пешакӣ ба ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ 16 боздид анҷом дода шуд, аз ҷумла ба се қисми низомӣ:

- Маркази қабул ва тақсимот барои ноболиғон дар шаҳри Хуҷанд – 11-13 марти соли 2016

- Мактаби махсуси шаҳри Душанбе – 10-14 майи соли 2016

- Литсеи махсуси касбӣ-техникии шаҳри Душанбе – 16-20 майи соли 2016

- Беморхонаи рӯҳии (психиатрӣ) шаҳри Конибодом – 14-15 марти соли 2016

- Беморхонаи рӯҳии (психиатрӣ) ноҳияи Рашт (Навобод) – 28-29 апрели соли 2016

- Беморхонаи рӯҳии (психиатрӣ) шаҳри Қурғон-Теппа – 15-17 июни соли 2016

- Беморхонаи рӯҳии (психиатрӣ) шаҳри Норак – 14-15 сентябри соли 2016

- Беморхонаи рӯҳии (психиатрӣ) шаҳри Истаравшан – 9-10 ноябри соли 2016

- Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии ноҳияи Панҷакент – 11-12 апрели соли 2016

- Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии ноҳияи Айнӣ – 14-15 апрели соли 2016

- Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии ноҳияи Рашт – 26-27 апрели соли 2016

- Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии шаҳри Норак – 16-17 сентябри соли 2016

- Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии шаҳри Истаравшан – 11-12 ноябри соли 2016

Мониторинги анҷомдодашуда нишон дод, ки умуман шароити нигоҳдорӣ дар муассисаҳои боздидшуда қаноатбахш аст. Дар натиҷаи боздидҳо гурӯҳ тавсияҳои зеринро пешниҳод намуд:
- дар роҳравҳо, утоққои беморон ва ғайра видео камераҳои назоратӣ насб карда шаванд;
- дар қисмати ҳавлӣ барои сайру гашт паноҳгоҳ аз борон сохта шавад;
- биноҳо таъмир карда шаванд
- хӯрока барои беморон беҳтар карда шавад (бояд барои ҳар як нафар зиёда аз 5 сомони дар як рӯз ҷудо карда шавад. Дар воқеъ 2 сомониву 40 дирам ҷудо карда мешавад);

- оби тозаи ошомиданӣ таъмин карда шавад;
- барои мактуб, ариза ва шикоятҳо қуттиҳо гузошта шаванд.

## 3.2. ҶОРӢ НАМУДАНИ СИСТЕМАИ ОФИЯТБАХШИИ ҶАБРДИДАГОНИ ҲОЛАТҲОИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Мақсади гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо (минбаъд дар матн ГО) аз ҳадди имкон пешниҳод намудани кӯмаку дастгирӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа/аъзоёни оилаҳои онҳо дар барқарор кардани мустақилият ва қобилияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, аз ҷумла ҳамгироии пурраи иҷтимоии онҳо ва иштирок дар ҳаёти ҷомеа иборат мебошад.

Вазифаҳои асосии ГО иборатанд аз:

a. мусоидат кардан дар анҷом додани муоинаи тиббӣ ва расонидани ёрии таъҷилӣ;
b. таҳияи барномаҳои инфиродӣ ҷиҳати анҷом додани офиятбахшии тиббӣ ва равонӣ-иҷтимоии сатҳи касбӣ;
c. мусоидат кардан дар расонидани ёрии тиббии амбулаторӣ ва статсионарӣ ва анҷом додани табобати шахсони мавриди шиканҷа қароргирифта ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо;
d. таҳияи қоида ва шартҳои ҳамкорӣ бо мутахасисоне, ки хизматрасонии офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳоро таъмин менамоянд;
e. ҳамоҳангсозии корҳои вобаста ба пешбарӣ намудани таъсиси механизмҳои самараноки офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассиса ва марказҳои тиббии равонӣ (псилологӣ).

Ба ҳайати Гурӯҳи офиятбахшӣ ташкилотҳои аъзои Эътилоф ва шарикон – шахсоне (шахсони воқеӣ ва/ё ҳуқуқӣ), ки фаъолияти пешниҳод намудани кӯмаку дастгирии офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷаро анҷом медиҳанд, шомиланд. Ба ҳайати Гурӯҳи офиятбахшӣ созмону ташкилотҳои зерин дохиланд:

- ФҶ «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
- ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»
- ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон»
- ФҶ «Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон»

Соли 2015 аз ҷониби Гурӯҳ лоиҳаи Низомномаи фаъолияти гурӯҳ таҳия ва барои муҳокима пешниҳод карда шуд. Доир ба такмили Низомнома як қатор машваратҳо гузаронида ва омӯхта шуданд. Айни замон, Эътилофи зидди шиканҷаи Қирғизистон бо таҳияи ҳуҷҷатҳои дохилии марбут ба офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа машғул аст. Қарор қабул карда шуд, ки дар ин самт ҳамкорӣ кунем ва низомномаро дар асоси натиҷаҳои фаъоляти якҷоя такмил диҳем.

Фаъолияти гурӯҳ дар соли 2016 аз ҷониби Шӯъбаи ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон (дастгирии асосӣ), Фонди СММ дастгирии ҷабрдидагони шиканҷа (ОГС), аз ҷумла дар доираи лоиҳаҳои «Мубориза бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон: кӯмаку дастгирии Эътилофи зидди шиканҷа» - бо кӯмаку дастгирии Фонди Шведии Авф, «Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» - бо кӯмаку дастгирии Шӯрои Аврупо ва «Кӯмаку дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷӣкистон» - бо кӯмаку дастгирии Фонди Зигрид Рузинг дастгирӣ гардид.

Намояндагони Гурӯҳ дар ҷаласаҳои иттилоотии Эътилоф фаъолона ширкат меварзанд ва дар чорабиниҳои гуногун доир ба фаъолияти Гурӯҳ маълумот пешниҳод менамоянд.

### 3.2.1. Ҷаласаҳои корӣ, тренингҳо

*15 – 17 апрели соли 2016* дар шаҳри Душанбе тренинг дар мавзӯи **«Такмили донишу малакаи равоншиносон (психологҳо), арзёбии психологӣ, ташхис ва офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона»** гузаронида шуд. Дар тренинг 16

равоншиноси кафедраҳои психологияи донишгоҳҳои оилии кишвар (аз вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе), инчунин равоншиносони таҷрибаомӯз ширкат варзиданд. Дар тренинг масъалаҳои анҷом додани тафтишоти самаранок, ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа, арзёбӣ ва ташхиси ҳолатҳои шиканҷа тибқи стандартҳои Протоколи Истамбул, инчунин офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона фаро гирифта шуданд. Ба ҳайси тренерон дар тренинг коршинос/психологи сатҳи байналмилалии маркази ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷаи Арманистон, Лилит Геворкян (Арманистон, Ерван) ва коршиноси миллӣ, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи ДМТ Нафисахон Юнусова баромад карданд.

**Вохӯрии кормандони иҷтимоӣ**

Дар доираи фаъолияти гурӯҳ корҳо оид ба тайёр намудани мутахасисоне, ки бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо сару кор мекунанд, анҷом дода мешаванд.

*29 январи соли 2016* ҷаласаи Ҳамоҳангсозӣ барои кормандони иҷтимоӣ дар мавзӯи системаи таъмин намудани кӯмаки иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/аъзоёни оилаҳои онҳо гузаронида шуд. Барномаи ҷаласа ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии кормандони иҷтимоӣ дар соҳаи таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дастгирии иҷтимоии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо равона гардида буд. Иштирокчиёни ҷаласа бо фаъолияти Эътилофи зидди шиканҷа, Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ва Гурӯҳи офиятбахшии Эътилоф шинос карда шуданд, инчунин дар рафти ҷаласа масъалаҳои марбут ба системаи таъмини хизматрасониҳои офиятбахшӣ ва нақши корманди иҷтимоӣ дар расондани кӯмаку дастгирӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо ба таври муфассал муҳокима карда шуданд. Зимнан масъалаҳои ҳамкории Гурӯҳи офиятбахшӣ ва кормандони иҷтимоӣ дар маҳалҳо баррасӣ карда шуд.

### 3.2.2. Кӯмаку дастгирӣ дар офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо

Дар соли 2016 ба 25 нафар дастгирии офиятбахшӣ таъмин карда шуд. Аз ин шумора 11 нафарро занон ва 14 нафарашонро мардон ташкил дод. Даҳ нафар – шахсоне, ки бевосита мавриди шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор гирифтанд, боқимонда 15 нафар – аъзоёни оилаҳои шахсони ҷабрдида мебошанд. Ду нафар ҷабрдида ноболиғ мебошанд.

*Ёрии тиббӣ.* Ҳамаи ҷабрдидагон аз муоинаи аввалияи тиббӣ гузаштанд ва ба онҳо ёрии тиббӣ таъмин карда шуд: ба 13 нафар – табобати амбулаторӣ; ба 8 нафар – табобати статсионарӣ (ба 1 нафар ду маротиба табобати амбулаторӣ таъмин карда шуд) расонида шуд, ду нафар ба ёрии тиббӣ ниёз надоштанд, як нафар аз гирифтани ёрии тиббӣ даст кашид. Дар асоси тавсияҳои духтурони касбӣ ба 7 нафар табобати санаторию курортӣ таъин карда шуд.

Айни замон 7 нафар аз 25 ҷабрдида пурра аз офиятбахшӣ гузаштаанд ва ба кӯмаку дастгирии иловагӣ ниёз надоранд. Боқимонда 18 нафар, гарчанде аз курси офиятбахшӣ гузашта бошанд ҳам бо онҳо робита ба роҳ монда шудааст ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо ёрии иловагӣ расонида мешавад, асосан кӯмаку дастгирии психологӣ ва иҷтимоӣ.

Ҳамаи ҷабрдидагоне, ки ба онҳо кӯмаку дастгирӣ расонида мешавад дар ҳолати осебпазир қарор доранд ва дучори азоби рӯҳиянд (стресс). Ҳолати ҷабрдидагон ҳангоми барои кӯмаку дастгирӣ муроҷиат кардан бештар ҳамчун вазнин ва шадид арзёбӣ карда мешавад. Ҳатман баъди офиятбахшӣ бо ҷабрдида алоқа нигоҳ дошта мешавад ва ӯ таҳти назорат қарор мегирад.

*Кӯмаку дастгирии психологӣ.* Ба 16 нафар ҷабрдида кӯмаку дастгирии психологӣ расонида мешавад. Ҳамаи ҷабрдидагоне, ки офиятбахширо мегузаранд ба гирифтани кӯмаку дастгирии психологӣ ниёз доранд, вале, мутаассифона, на ҳама ба гирифтани чунин кӯмак розӣ мешаванд. Сабабҳо гуногунанд, яке аз ҷабрдидагон, масъалан, инро бо он асоснок кард, ки чунин кӯмак ба ӯ лозим нест, худро қавӣ мешуморад ва мушкилоти бавуҷудмеомадаро мустақилона паси сар мекунад. Ҷабрдидагони ҷинси мард бошанд бештар шарм медоранд ва чунин мешуморанд, ки бо ин онҳо метавонанд заифии худро нишон диҳанд. Бинобар ҳамин бо ҳар як ҷабрдида алоҳида сару кор карда мешавад ва ба онҳо усулҳои расондани кӯмаку

дастгирии психологӣ, барои чӣ чунин кӯмак зарур аст ва дар сурати ба шахс нарасонидани чунин кӯмак он ба чӣ натиҷаҳо оварда мерасонад, фаҳмонида мешавад.

### 3.2.3. Хулосаи арзёбии зарари маънавӣ

Соли 2014 ташкилотҳои аъзои Эътилоф ба бурдани мурофиаҳои судии стратегии ба роҳ мондани амалияи устувори ҷуброни товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона оғоз намуданд. Барои муқаррар кардани ҳаҷми товони зарари маънавии ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо расонидашуда, арзёбӣ анҷом дода мешавад.

Азрёбиро мутахассисоне, ки доир ба масъалаҳои ҷуброн шудани товони зарари маънавӣ махсус омӯзонида шудаанд, анҷом медиҳанд. Соли 2016 нуҳ арзёбии ҳолати психологӣ доир ба ҷуброн шудани товони зарари маънавӣ анҷом дода шуд. Ҳангоми анҷом додани арзёбӣ, хароҷотҳои сафари психолог то ба ҷои истиқомати ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа/аъзоёни оилаҳои онҳо ё роҳкиро ва хароҷот барои истиқомати ҷабрдидагон/аъзоёни оилаҳои онҳо дар шаҳри Душанбе низ пардохт карда мешаванд. Тамоми арзёбиҳо аз ҷониби психолог Юнусова Нафиса Муродовна анҷом дода мешаванд.

## 3.3. КӮМАКУ ДАСТГИРИИ ҲУҚУҚӢ

Фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф (минбаъд дар матн ГЁҲ) ҷиҳати пешбарӣ намудани таъсиси системаи самараноки эътино ба арзу шикоятҳо дар бораи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа дар Тоҷикистон, аз ҷумла ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти расонидани ёрии ҳуқуқии воқеӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо равона гардидааст.

Вазифаҳои асосии ГЁҲ аз инҳо иборатанд:

- муайян кардани миқёси паҳншавии шиканҷа ва муносибати бераҳмона;
- муайян кардани расмиёт ва механизмҳои ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, пешниҳод шудани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо, бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ;
- таҳияи қоида ва шартҳои ҳамкорӣ бо адвокатон вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои аъзои Эътилоф вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо;
- пешбарӣ намудани таъсиси механизмҳои самараноки эътино ва тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа.

Ба ҳайати Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ташкилотҳои аъзо ва шарикони Эътилоф шомиланд, ки фаъолияташон аз пешниҳод намудани ёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад. Аъзоёни ГЁҲ ба ҳамдигар дар баланд бардоштани иқтидор вобаста ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа, стратегия ва усулҳои ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи осебпазир, инчунин дар мубодилаи таҷрибаи муваффақ кӯмак мерасонанд. Ба ҳайати гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ташкилоту созмонҳои зерин дохил мебошанд:

- ТҶ «Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир»;
- ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»;
- ТҶ «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»;
- ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон»;
- ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»;
- ТҶ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»;
- ФҶ «Нотабене»;
- ТҶ «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
- Шарикони Эътилоф (Аскар Турсунов, Умед Ниёзов).

Котиботи ГЁҲ аз Ҳамоҳангсоз, се мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа дар шаҳри Душанбе ва НТҶ, вилояти Суғд, вилояти Хатлон (бо фарогирии парвандаҳои вилояти ВМКБ) ва машваратчии ГЁҲ иборат мебошад.



Соли 2016 фаъолияти Котиботи ГЁҲ таввасути лоиҳаҳои «Бар зидди шиканҷа: дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон» - бо кӯмаку дастгирии Маркази САҲА дар Тоҷикистон, «Мубориза бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон: дастгирии Эътилофи зидди шиканҷа» - бо кӯмаку дастгирии Фонди Шведии Авф, «Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» – бо кӯмаку дастгирии Шӯрои Аврупо ва лоиҳаи «Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон» - бо кӯмаку дастгирии Фонди Зигрид Рузинг, дастгирӣ карда шуд.

Дар соли 2016 ташкилотҳои аъзои Эътилоф ба натиҷаҳои зерин ноил гардиданд:

- Дар натиҷаи фаъолияти адвокатон дар соли 2016 панҷ ҳукми айбдоркунӣ оид ба парвандаҳои хизматчиёни ҳарбӣ бароварда шуд: нисбати Холова Э., Ҳайталиева Ф., Қурбонмадова Б., Забиров Р., Қурбоналиева З.Н. Ба мӯҳлатҳои гуногун 13 нафар аз озодӣ маҳрум карда шуданд, ки 6 нафари онҳо ба ҳайати роҳбарӣ тааллуқ доштанд.
- Соли 2016 ташкилотҳои аъзои Эътилоф ҷиҳати зиёд кардани таҷрибаи судии ба роҳ мондани амалияи устувори аз ҷониби давлат ба таври дуруст ҷуброн шудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо корҳоро идома доданд. Аз ҷониби ташкилотҳои аъзо ба таври фаъолона ҷамъоварӣ шудани далелҳо, ҷалби коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ оид ба арзёбии товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа/хешовандони онҳо анҷом дода мешавад, дар рафти мурофиаи судӣ нуқтаи назари «Амикус»-ро мавриди истифода қарор медиҳанд.
- Қобили зикр аст, ки бори аввал дар амалия мурофиат оид ба талаби пурсиши узр ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба кирдори содиркардаи кормандони милиса, ки нисбати сокини Панҷакент Г.Ф. шиканҷа истифода намуданд, пешниҳод карда шуд. Дар натиҷаи чунин мурофиат роҳбари ШВКД-и шаҳри Панҷакент аз Г.Ф. ба таври шифоҳӣ узрхоҳӣ намуд. Инчунин аз ҷавоби хаттӣ низ интизор меравад.
- Дар соли 2016 корҳо доир ба омода намудани аризаи даъвогӣ бо талаби ҷуброн шудани товони зарар барои ба таври самаранок анҷом дода нашудани тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона аз рӯи ду парвандаи резонансии Эътилоф оғоз гардид.

### 3.3.1. Арзёбии фаъолияти ГЁҲ

Арзёбии самаранокии фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ бо дархости Роҳбари ГЁҲ бо мақсади такмили механизмҳои фаъолияти Котиботи ГЁҲ анҷом дода шуд. Арзёбӣ дар давраи аз 15 то 20 августи соли 2016 гузаронида шуда аз таҳлили дастурҳои вазифавии Роҳбарӣ ГЁҲ ва мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, ҳисоботҳои онҳо оид ба фаъолият, табели вақти корӣ иборат буд. Бо Роҳбари ГЁҲ ва мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мусоҳиба гузаронида шуд. Инчунин таҳлили базаи маълумотҳои ҳолатҳои шиканча ва муносибатҳои бераҳмонаи ҳуҷҷатгузоришуда, 67 варақаи ҳуҷҷатгузорӣ оид ба шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, инчунин папкаҳои мурофиатҳои мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона анҷом дода шуд. Ҳамчунин парвандаҳои инфиродии интихобшудае, ки аз ҳисоби Фонди ҳаққи таълиф (гонорарӣ) ГЁҲ маблағгузорӣ мегарданд, таҳлил карда шуданд. Дар маҷмӯъ 7 парванда оид ба вилояти Хатлон, 10 парванда оид ба шаҳри Душанбе ва НТҶ, 6 парванда оид ба вилояти Суғд таҳлил

карда шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлил ҳуҷҷат таҳия карда шуда тавсияҳо пешниҳод гардиданд, ки баъдан онҳо дар ҷаласаи Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ, ки моҳи декабри соли 2016 баргузор гардид, муҳокима шуданд.

### 3.3.2. Вохӯрии Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф, 8-10 декабри соли 2016

8-10 декабри соли 2016 вохӯрии ташкилотҳои аъзои Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилофи зидди шиканҷа баргузор шуда буд, ки дар он 12 нафар иштирок карданд. Зимни вохӯрӣ аз фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф ва Комиссия оид ба тақсимоти фонди ҳаққи таълиф (гонорарӣ) барои соли 2016 натиҷагирӣ карда шуд, аз ҷумла натиҷаҳои арзёбии фаъолияти котиботи Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ муҳокима гардидан.

Соли 2016 масъалаи анҷом додани таҷдиди Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ фаъолона мавриди баррасӣ қарор гирифт. Зимни вохӯрӣ формати кори минбаъдаи гурӯҳ муҳокима шуд.

### 3.3.3. Семинар доир ба механизмҳои ҷуброни товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, 3-5 феврали соли 2016, Алмато

*3-5 феврали соли 2016* дар шаҳри Алмато дар доираи лоиҳаи "Фаъолият баҳри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон" тренинг дар мавзӯи **"Ҷуброни товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа"** баргузор гардид. Дар тренинг сиву се фаъолонӣ ТҒҲ, адвокатҳо ва равоншиносон (психологҳо) аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Дар рафти семинар тамоми ҷанбаҳои масъалаҳои ҷуброни товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, инчунин интихоби парвандаҳо, омода намудани даъвоҳои судӣ, усулҳои арзёбии зарари маънавии расонидашуда ва намояндагии манфиатҳои муроҷиаткунандагон дар суд муҳокима гардиданд. Ба иштироккунандагон имконияти мубодилаи таҷрибае, ки солҳои охир онҳо дар рафти анҷом додани корҳо оид ба парвандаҳои ҷуброни товони зарар андӯхтаанд, инчунин муҳокимаи усулҳои самараноктарине, ки дар дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ истифода мешаванд онҳо метавонанд дар давлатҳои худ истифода намоянд фароҳам оварда шуд.

### 3.3.4. Дастурамал оид ба ҷуброни товони зарар

Дар анҷоми семинар вобаста ба масъалаҳои ҷуброни товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа корҳо оид ба омода намудани консепсияи дастурамал барои адвокатҳо ва психологҳо оғоз гардид. Дар ҷараёни семинар арзёбии эҳтиёҷоти ҳуқуқшиносон ва психологҳо дар ин самт анҷом дода шуд. Ба ҳайси коршинос барои таҳияи дастурамал коршинос Елена Волочай даъват шуда буд.

Моҳи декабри соли 2016 дастурамал таҳия шуд ва он ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда нашр гардид.

### 3.3.5. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва дигар намуд муносибати бераҳмона

Барои муайян кардани миқёси истифода гардидани шиканҷа ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона анҷом дода мешавад. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа дар асоси муроҷиатҳои ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо ба Эътилоф ва/ё гирифтани маълумоти ибтидоӣ аз дигар шахсони манфиатдор, ВАО, ТҒҲ, адвокатҳо, духтурон ва ғайра анҷом дода мешавад.

Дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2016 аз ҷониби Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои аъзои Эътилоф 57 муроҷиати ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд, ки аз онҳо се нафарро ноболиғон ва 8 нафарро занон ташкил доданд.

| | Минтақа | |
|---|---|---|

| | Душанбе | НТҶ | Вилояти Хатлон, ВМКБ | Вилояти Суғд | **ҲАМАГӢ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ ҳуҷҷатгузорӣ шуд | 18 | 10 | 15 (1) | 13 | **57** |
| Адвокат пешниҳод гардид | 9 | 7 | 8 | 7 | **31** |
| Машварату маслиҳатҳо дода шуданд, ҳуҷҷатҳо омода гардиданд | Машварату маслиҳатҳо дода шуд – 114<br><br>15 - ҳуҷҷат омода карда шуд | | Машварату маслиҳатҳо дода шуд - 22,<br><br>18 - ҳуҷҷат омода карда шуд<br><br>Дар 4 парванда дастгирии ҳуқуқӣ таъмин карда шуд | Машварату маслиҳатҳо дода шуд - 40 | |

Аризаҳо оид ба ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ба мақомоти зерини давлатӣ пешниҳод карда шуданд:
Вазорати корҳои дохилии ҶТ – 37;
Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 1 (нисбати хизматчии ҳарбӣ);
Қисмҳои ҳарбӣ – 9;
Вазорати мудофиаи ҶТ – 3;
Вазорати корҳои дохилии ҶТ – 1
Раёсати қушунҳои сарҳадии КДАМ – 4;
Гвардияи миллӣ – 1;
Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5;
Раёсати давлатии иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 3;
Муассисаҳои махсуси кӯдакон – 2 .

Ба сифати истифода гардидани усулҳои шиканҷа зикр карда шуданд: лату кӯб ба қисматҳои гуногуни бадан, аз ҷумла бо истифода аз калтаки резинӣ, гузоштани қувваи барқ ба ангуштони дастон, узвҳои ҷинсӣ, тариқи рӯймолчаи тар ба даҳони ҷабрдида, овезон кардани қуттиҳои пластикии бо хок пуркардашуда ба узвҳои ҷинсии мардон, дохил кардани (халондани) сӯзан/мех зери нохунҳо, таҷовузи психологӣ дар шакли таҳқир, таҷовуз ба номус, таҳдиди таҷовуз, гузоштан дар оби хунук (пой дар об дар муддати 1-2 шабонарӯз), дар фасли хунук зери оби хунук ҷойгир кардан, гузоштани қуввати барқ ба тахтапушт ва узвҳои ҷинсӣ тариқи телефони махсус, пӯшондани ниқоб ба сар, сӯзондани бадан бо сигор.

Шиканҷа бо мақсади гирифтани нишондодҳои иқроршавӣ, ҷазо додан барои содир кардани амалҳои муайян ё ба сифати чораи ором кардан истифода карда мешуданд.

Дар қисмҳои ҳарбии ВМ ҶТ, КДАМ ҶТ панҷ ҳолати лату кӯби аскарон бо натиҷаҳои марговар ба қайд гирифта шуданд.

### 3.3.6. Маслиҳату машварати ҳуқуқӣ

Мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа: Дар ГЁҲ се телефони боварӣ амал мекунад: дар вилояти Суғд (987873333), дар вилояти Хатлон (987876666), дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ (987087676). Телефонҳо инчунин дар рӯзҳои ғайрикорӣ, аз ҷумла рӯзҳои истироҳат ва идҳо низ фаъоланд.

Ҳайати мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро ҳуқуқшиносон ва адвокатҳои аҳли амал ташкил мекунанд. Мутахассисон фаъолияти марбут ба расондани ёрии ҳуқуқии ибтидоиро анҷом медиҳанд, аз ҷумла:

- қабули мурочиатҳо ва додани маслиҳату машваратҳо тариқи телефонҳои боварӣ;

- омода намудани арзу шикоятҳои хаттӣ;

- анҷом додани мониторинги мурофиаҳои судӣ;

- ҳамроҳӣ кардан дар мақомоти давлатӣ ва дигар муассисаҳо, ҳамроҳӣ кардан ҳангоми анҷом додани шаҳодаткуноӣ/экспертизаи тиббии судӣ;

- анҷом додани шарҳи ВАО доир ба ҳолатҳои истифода гардидани шиканҷа ва муносибати бераҳмона;

- ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои оморӣ вобаста ба ҳолатҳои истифода гардидани шикаҷа ва муносибати бераҳмона.

Аз рӯи натиҷаи ирсоли шикояту аризаҳо ба мақомоти давлатӣ вобаста ба як парванда ҳалнома дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ бекор карда шуда парванда ба тафтишоти иловагӣ пешниҳод гардид.

*Дар вилояти Хатлон* 22 маслиҳату машваратҳо пешниҳод гардид, 18 ҳуҷҷат омода ва аз рӯи 4 парванда дастгирии ҳуқуқӣ таъмин карда шуд.

*Дар вилояти Сугд* 40 маслиҳату машваратҳо доир ба масъалаи озодӣ аз шиканҷа пешниҳод гардида, бо раис ва адвокатҳои Коллегияи ҷумҳуриявии адвокатҳо дар вилояти Суғд, бо роҳбари машварати ҳуқуқии «Дифоъ» дар шаҳри Хуҷанд вохӯриҳо гузаронда шуданд.

*Дар шаҳри Душанбе ва НТҶ* 61 маслиҳату машварат ба таври шифоҳӣ, 53 маслиҳату машварат тариқи телефони боварӣ пешниҳод гардид, аз рӯи мурочиатҳои шаҳрвандон 15 ариза тартиб дода шуд.

*Мониторинги мурофиаҳои судӣ.* Дар давоми давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибатҳои бераҳмона 17 мониторинги мурофиаҳои судӣ, ки судшавандагон дар мавриди нисбати онҳо истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона шикоят карда буданд, анҷом дода шуд. Таҳлили фаъолияти мониторинги мурофиаҳои судӣ омилҳои зеринро нишон дод:

- Мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба толори суд роҳ дода намешавад. Масалан, вобаста ба парванда нисбати гурӯҳи шахсоне, ки тибқи моддаи 307 (қисмҳои 1 ва 3)[5] КҶ ҶТ айбдор дониста шуданд, мутахассис оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона аз толори суд дағалона бароварда шуд. Зимни вохӯрӣ бо роҳбари ШКД-и ноҳияи А. Ҷомӣ фаҳмонда шуд, ки баровардани мутахассис аз толори суд бинобар бетартибие, ки шахсони сеюм дар толори суд ба вуҷуд оварданду аз ҷониби судя корманди милиса даъват гардид, ба амал омад.

[5] Моддаи 307[1]. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм. Моддаи 307[3] Ташкили фоъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ).

- Риоя накардани моддаи 34 КМҶ ҶТ (Ҳайати суд). Ҷиноятҳои махсусан вазнин аз ҷониби ҳайати суд баррасӣ карда мешаванд, вале мурофиаи судии якум ва дуюм бидуни иштироки машваратчиёни халқӣ анҷом дода шуд.
- Фишор овардани айбдоркунандаи давлатӣ дар шакли суханоне, ки ӯ аз ҷониби адвокат таёр карда шудааст ва ӯ бо суханони пешакӣ омӯзонидашуда гап мезанад, ба қайд гирифта шуд.
- Беғараз набудани суд ба қайд гирифта шуд, ки дар он зоҳир гардид, ки суд бо вайрон кардани расмиёт шоҳидони иловагиро пеш аз анҷом додани пурсиши шоҳидони асосӣ пурсиш мекард.
- Фишор ба хешовандон (дар суд эълон карда шуд, ки хешовандон азми ришва доданро доранд ва вобаста ба далели мазкур аз ҷониби КДАМ амалиёти оперативии тафтишотӣ гузаронида мешавад).
- Фишор ба адвокат (дастгоҳи сабти овоз гирифта шуд).
- Мурофиаҳои судӣ бо сабабҳои гуногун (мунтазир шудани прокурор, дер омадани конвой ва ғайра) дар вақти таъиншуда оғоз намегардиданд.
- Хешовандони судшавандагон оид ба парвандаи хизматчии ҳарбӣ Х. бо овози баланд нисбати адвокат таҳдидҳо изҳор мекарданд.
- Аз ҷониби судяҳои алоҳида андешида нашудани чораҳо барои санҷидани арзу шикоятҳо оид ба ҳолатҳои шиканҷа ё дигар намуд муносибати бераҳмона (судяҳо Пленуми Суди Олии ҶТ оид ба мубориза бар зиди шиканҷаро (таҳти №1 аз 25.06.2012) мавриди истифода қарор намедиҳанд).
- Фаҳмонда дода нашудани ҳуқуқҳо барои надодани шаҳодат муқобили хешовандони наздик;
- Нозирон ба толори суд роҳ дода намешаванд (дар мурофиаи Ш. Мирзоев).
- Муносибати душманонаи судя

*Фаъолияти <u>Машваратчии ГЁҲ</u>* аз расондани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ба адвокатҳо ва аъзоёни Эътилоф дар анҷом додани фаъолияти мубориза бар зидди шиканҷа ва муносибати бераҳмона иборат мебошад. Инчунин машваратчӣ аъзои Комиссия оид ба тақсимоти фонди гонорарии Эътилоф маҳсуб меёбад, шарҳу тавзеҳот ва пешниҳодҳои худро дар ҳалли масъалаи ҷудо шудани маблағҳои пулӣ аз ҷониби Фонди гонорарӣ манзур менамояд. Дар соли 2016 аз ҷониби машваратчии Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ корҳои зерин анҷом дода шуд:

- доир ба масъалаҳои фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ ва адвокатон оид ба парвандаҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона ба таври шифоҳӣ 43 ва ба таври хаттӣ 23 маслиҳату машварат пешниҳод карда шуд;

- 20 варақаи ҳуҷҷатгузории мурочиатҳои шаҳрвандон, 9 стратегияи адвокатҳо доир ба намояндагӣ кардани манфиатҳои шикояткунандагон дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ва 23 ҳуҷҷати мурофиавӣ таҳлил карда шуданд.

Дар робита ба амалҳои мақомоти прокуратура дар бораи дар мӯҳлатҳои тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муқарраршуда баррасӣ нашудани дархосту аризаҳо, беасос рад кардан дар оғози парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи арзу шикоятҳо дар бораи истифода шудани шиканҷа, ғайриқонунӣ қатъ намудани тафтишоти парвандаи ҷиноятӣ, мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода нашудани санҷиши арзу шикоятҳо оид ба ҳолатҳои шиканҷа адвокатҳо аризаҳои шикоятӣ пешниҳод карданд.

Бо супориши роҳбари ГЁҲ аз ҷониби машваратчӣ тамоми мурочиатҳое, ки ба ГЁҲ аз соли 2012 то соли 2016 пешниҳод гардидаанд, таҳлил карда шуданд. Дар натиҷаи таҳлил қисми зиёди мурочиатҳо бинобар ба анҷом расидани парванда, набудани робита бо мурочиаткунандагон, кофӣ набудани маълумоту иттилоот барои анҷом додани мониторинги минбаъда ва ғайра пӯшида шуданд.

<u>Аз ҷониби ташкилотҳои аъзои ГЁҲ </u>низ доир ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибат/ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф маслиҳату машваратҳо пешниҳод карда шуданд:

*ТҶ «Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон»:* ба 52 шаҳрванд ёрии ҳуқуқӣ пешниҳод намуд; 92 ҳуҷҷати мурофиавӣ омода карда шуд, дар 37 мурофиаи судӣ иштирок кард ва 42 шоҳидро пурсиш намуд.

*ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»:* маълумот пешниҳод карда нашудааст.

*ТҶ «Ташаббуси ҳуқуқӣ»:* вобаста ба ду парвандаи ноболиғон хизматрасониҳои адвокат, вобаста ба 2 парванда маслиҳату машварати ҳуқуқӣ пешниҳод карда шуд, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ тартиб дода шуданд, дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод гардид.

*ТҶ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»:* вобаста ба ду парвандаи гурезаҳое, ки мавриди шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор гирифтанд адвокат пешниҳод шуд, ҳуҷҷатҳо тартиб дода шуданд, доир ба 8 парвандаи марбут ба муносибати бераҳмона ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон дастгирии ҳуқуқӣ ва маслиҳату машварат пешниҳод карда шуд.

<u>Мониторинги маълумотҳои воситаҳои ахбори омма</u>. Мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мунтазам мониторинги ВАО ва шабакаҳои иҷтимоиро анҷом медиҳанд. Дар сурати ошкор шудани маълумоту иттилоот доир ба ҳолатҳои эҳтимолии шиканҷа ё муносибати бераҳмона ҷамъоварӣ ва санҷиши маълумоту иттилооти ибтидоӣ анҷом дода мешавад. Дар давоми соли 2016 шаш маълумот санҷида шуд:

- 18.02.2016 дар торномаи Эътилоф мақола дар бораи аз ҷониби кормандони милисаи ШВКД-и шаҳри Панҷакент лату кӯб шудани сокини шаҳри Панҷакент Ғоибов Фарҳод нашр карда шуд. Дар натиҷа, шахси номбурда ба беморхона бистарӣ гардид. Кормандони милиса ба мӯҳлати 8 солу 6 моҳ аз озодӣ маҳрум карда шуданд. Дар мавриди парвандаи мазкур ГЁҲ бо ҷонишини роҳбари ШВКД-и шаҳри Панҷакент дар тамос шуд, аммо ӯ аз пешниҳод намудани маълумот саркашӣ кард. Баъдан бо худи ҷабрдида робита карда шуд ва ба ӯ адвокат пешниҳод гардид.

- 16.05.2016 дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон маълумот дар бораи амалҳои ғайриқонунии кормандони милисаи пойтахт нисбати наврасоне, ки дар ҷашнвораи (фестивали) ҳиндии рангҳо «Ҳолӣ», ки дар варзишгоҳи Спартак баргузоршуда иштирок карданд, интишор гардид. 19 майи соли 2016 Эътилофи ТҒҲ бар зидди шиканҷа ба ҳукумат доир ба фавран ва ба таври дуруст анҷом дода шудани тафтишоти амалҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат кард. Баъди аз ҷониби Раёсати хизмати дохилии ВКД анҷом додани санҷиши хизматӣ нисбати 4 корманди мақомоти корҳои дохилӣ чораҳои интизомӣ андешида шуданд, аз ҷумла як корманд аз вазифа озод карда шуда нисбати се корманди дигар танбеҳ ва танбеҳи қатъӣ дода шуд.

- Моҳи августи соли 2016 дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук навори видеоӣ интишор карда шуд, ки дар он амалҳои ғайриқонунии корманди милисаи пойтахт, ки нисбати як ҷавон содир гардид, сабт карда шуда буд. Эътилофи ТҒҲ Тоҷикистон бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар робита ба ҳолати мазкур ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза пешниҳод намуд. Прокуратураи генералӣ ба муроҷиати мазкур бинобар навори дар шабакаи иҷтимоии Facebook гузошташуда, эътино зоҳир намуд. Аз рӯи далели мазкур аз ҷониби прокуратураи шаҳри Душанбе санҷиш гузаронида шуд, ки дар натиҷаи он муайян карда шуд, ки дар ҳодиса нозири милиса оид ба масъалаҳои экологияи РВКД-и шаҳри Душанбе, капитани милиса Отамурод Каримов айбдор аст. Барои содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ Каримов аз вазифаи ишғолнамудааш озод карда шуд.

- 24.02.2016 дар торномаи «Азия - Плюс» мақола зери унвони «Дар шаҳри Панҷакент баъди бозпурсӣ дар прокуратура соҳиби дорухона худро ба дор овехт» нашр гардид ва дар он гуфта мешавад, ки Замон Забуров, молики дорухонаи «Мадад» дар натиҷаи аз ҷониби муфаттиши прокуратура фишор овардан ва ӯро дар ҷинояти куштор айбдор кардан, худкушӣ кардааст. Дар робита ба ҳодисаи мазкур тариқи Ҳукумати шаҳри Панҷакент мутахассис нишонии хешовандони Замон Забуровро пайдо намуд, аммо онҳо розӣ нашуданд, ки ба онҳо ёрии ҳуқуқӣ расонида шавад.

- 30 октябри соли 2016 дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук дар саҳифаи худ Воҳидова Ф. маълумот оид ба истифода шудани шиканҷа нисбати шахсони маҳкумшудае, ки дар муассисаи 3/3 шаҳри Хуҷанд адои ҷазо менамоянд, нашр намуд. Ба ӯ занги махфӣ аз маҳкумшудае шуд, ки ба ӯ хабар дод, ки дар муассисаи ислоҳӣ сехи коркарди пиёз фаъолият мекунад, ки аз соати 6 субҳ то 12 шаб кор мекунад. Маҳкумшудае бо номи «Олим», ки дар сехи мазкур кор мекунад, бо сабаби беморӣ ба кор набаромад ва ӯро лату кӯб карданд. Маҳкумшуда ба дарду азоби ҷисмонӣ тоб наоварда ҳамчун эътироз бо поку шиками худро бурид ва ӯро ба тавқифгоҳи ҷаримавӣ ҷойгир карданд. Намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон Нидоев Х. тариқи телефон бо маҳкумшуда «Олим» дар тамос шуд. Маҳкумшуда ба ӯ хабар дод, ки ӯ намехоҳад дар ин бора гап занад, зеро рӯзҳои наздик ӯ аз маҳбас озод мешавад ва ӯ худро хуб ҳис мекунад.

### 3.3.7. Пешниҳод намудани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ/намояндагӣ дар суд

Фонди ҳаққи хизматрасониҳо (гонорарӣ) барои пешниҳод намудани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо аз ҳисоби лоиҳаҳои дахлдори ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф ташкил карда мешавад. Фонди ҳаққи хизматрасониҳо бевосита мақсаднок сарф карда шуда ба намудҳои зерини хароҷотҳо тақсим карда мешавад:

- пардохти ҳаққи хизматрасониҳои адвокате, ки ба ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод мекунад;
- хароҷотҳои роҳ ва рӯзгузаронӣ дар ҳолатҳои ба миён омадани зарурати ба сафар баромадани адвокат барои ҳимоя намудани ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа;
- хароҷотҳо барои расондани ёрии тиббӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ё шоҳидон: харидорӣ кардани доруворӣ, пардохт барои анҷом додани ҷарроҳии таъҷилӣ, расондани кӯмаку дастгирии психологӣ/офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа;
- хароҷотҳо барои ҷалб намудани мутахассисону коршиносон бо мақсади анҷом додан ва ташкил кардани экспертизаи психологӣ вобаста ба муайян кардани ҳолати равонӣ;
- хароҷотҳо барои дигар чорабиниҳое, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо, адвокатҳо ва шоҳидон равона гардидаанд.

Фонди ҳаққи хизматрасониҳо барои расондани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо дар мувофиқа бо аъзоёни комиссия оид ба тақсимоти Фонди ҳаққи хизматрасониҳо (4 нафар) ва Ҳамоҳангсози Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ сарф карда мешавад.

Соли 2016 аз ҳисоби Фонди ҳаққи хизматрасониҳо 393699,49 сомонӣ сарф карда шуд:

- ММҲҲИ (Фонди ҲХ ташкилот: гурӯҳи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа) – 170,075 сомонӣ;
- ДОШ (Фонди ҲХ ташкилот: гурӯҳи хизматчиёни ҳарбӣ) – 62,000 сомонӣ;
- Ташаббуси ҳуқуқӣ (Фонди ҲХ ташкилот: гурӯҳи кӯдакон) – 9,204 сомонӣ;
- ФҶ «Нотабене» (Фонди ҲХ Эътилоф) – 138,972 сомонӣ;
- ТҶ МҲИ (Фонди ҲХ Эътилоф) – 10448,49 сомонӣ;
- ТҶ Ҳуқуқ ва беҳбудӣ – 3, 000 сомонӣ.

Соли 2016 ба Фонди ҳаққи хизматрасониҳо 26 дархост оид ба пешниҳод намудани хизматрасониҳои адвокат аз рӯи муроҷиатҳои нав, марҳилаҳои такрорӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ, доир ба ҷудо намудани маблағ барои анҷом додани экспертизаҳо равона карда шуд. Дар навбати худ корҳо аз рӯи парвандаҳои солҳои пешин идома дода шуданд.

Дар соли 2016 дар маҷмӯъ ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф аз рӯи 41 парванда манфиатҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва манфиати

хешовандони онҳоро намояндагӣ карданд, аз онҳо 30 парвандаи нав ва 11 парвандаи солҳои пешин.

| Минтақа | Парвандаҳои солҳои пешин ба ҳолати 31 декабри соли 2016 | | Аз аввали соли 2016 | |
|---|---|---|---|---|
| | **Шумора** | **Марҳила** | **Шумора** | **Марҳила** |
| Душанбе ва НТҶ | **5 парванда** | 1- марҳилаи иртибот бо КҲИ СММ<br><br>3 - марҳилаи судӣ<br><br>1 - марҳилаи тосудӣ | **16 парванда** | 11 – марҳилаи тосудӣ, аз онҳо 8 ба анҷом расонида шуд.<br><br>5 – марҳилаи судӣ, аз онҳо аз рӯи 3 парванда ҳукми суд бароварда шуд |
| Вилояти Суғд | **4 парванда** | 1- дар марҳилаи баррасии ариза дар суд,<br>1 – дар марҳилаи пешниҳод намудани ариза ба марҳилаи назоратӣ,<br>1 – дар марҳилаи пешниҳоди шикоят оид ба ҷуброни товони зарар,<br>1 – иртибот бо КҲИ СММ | **8 парванда** | 1 – пӯшида шуд, зеро механизми шикоят овардан истифода гардид<br>1 – дар марҳилаи пешниҳод намудани ариза оид ба ҷуброни товони зарар<br>1 – ҳукм бароварда шуд<br>3 – санҷиши пеш аз тафтишотӣ<br>1 – масъалаи пешниҳод намудани даъво ба КҲИ муҳокима мешавад<br>1 – масъалаи пешниҳод намудани даъво бо тартиби назоратӣ муҳокима мешавад |
| Хатлонская область | 2 | 1 – дар марҳилаи шикоят овардан оид ба ҷуброни товони зарар;<br>1 – доир ба ҷуброн гардидани товони зарар ариза пешниҳод карда шуд | **6 парванда** | 1 - пӯшида шуд, зеро механизми шикоят овардан истифода гардид;<br>3 – дар марҳилаи судӣ;<br>1 – ҳукм бароварда шуд;<br>1 – марҳилаи пеш аз судӣ. |
| Ҳамагӣ: | **11** | | **30** | |

Тафсири парвандаҳо мушкилотҳои асосиро муайян кард, ки бо тафтишоти парвандаҳои марбут ба ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона алоқаманданд.

*<u>Риояи ҳуқуқҳои асосии инсон ҳангоми анҷом додани боздошт. Ҳуқуқҳои адвокатон.</u>* Таҳлили ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ (ариза, муроҷиатҳо ва арзу шикоятҳо) нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба фаъолияти адвокатон ҳангоми расондани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ва дастрасӣ ба зерҳимояҳои худ монеаҳо эҷод мекунанд, амалияи аз муфаттише, ки аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ тафтишот мебарад гирифтани иҷозатнома барои

вохӯрдани адвокат бо зерҳимояи худ ба роҳ монда шудааст. Маъмурияти тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ва тавқифгоҳи тафтишотӣ сарфи назар аз доштани ваколатнома ба адвокатон барои дастрасӣ ба зерҳимояҳои худ иҷозат намедиҳанд ва гирифтани иҷозат аз муфаттишро талаб мекунанд. Танҳо дар ду ҳолат, адвокатон кушиши шикоят овардан аз рӯи амалҳои ғайриқонунии намояндаҳои ТТ ва муфаттишро карданд, вале бенатиҷа.

Аз ҷониби кормандони мақомоти тафтишотӣ ва кормандони СРИҶҶ-и Вазорати Адлия (ТТ, муассисаҳои ислоҳӣ) риоя нашудани меъёрҳои қисми 3 моддаи 9 Қонун «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба мушоҳида мерасад[6].

Адвокатон наметавонанд бидуни огоҳӣ ё иҷозати муфаттиш ба назди зерҳимояи худ дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ дароянд. Дар ҳолати марбут ба адои ҷазои ҷиноятӣ гирифтани иҷозати Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб карда мешавад.

Тибқи суханони адвокатон ба шахсони боздошташуда санад-огоҳинома, ки дар он ҳуқуқҳои шахсони боздошташуда дарҷ гардиданду тибқи Дастурамали муштараки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ «Доир ба боздошт» муқаррар карда шудаанд, дода намешавад.

Адвокатон бештар аз рӯи амалҳои мақомоти прокуратура дар мавриди дида баромада нашудани аризаҳо дар мӯҳлати мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишуда, беасос рад кардан дар оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи арзу шикоятҳои истифода гардидани шиканҷа, номутобиқатиҳо дар хулосаи санади муоинаи тиббӣ ё экспертизаи тиббии судӣ, шикоят мекунанд. Масалан, ба таъхир гузоштани мӯҳлатҳои баррасии аризаҳо ба он боис мегардад, ки изу нишонаҳои зӯроварии ҷисмонӣ гум мешаванд ва исбот кардани далелҳои истифода шудани шиканҷа ғайриимкон мегардад. Бинобар характеристикаҳои техникии видеокамераҳои назоратӣ (ҳаҷми маълумот ба мӯҳлати муайян сабт карда мешавад, асосан на зиёда аз 30 шабонарӯз) гирифтани маълумот қариб, ки имконопазир аст. Дар навбати худ ин барои пешниҳод шудани арзу шикоятҳо ба мақомоти болоӣ (прокуратура, суд) асос мегардад.

*Эътино ба арзу шикоятҳо оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ.* Доир ба ҷинояти шиканҷа се аризае, ки ба мақомоти прокуратура пешниҳод шуда буданд, таҳлил карда шуд. Аз рӯи ҳар се ариза аз ҷониби мақомоти прокуратура мӯҳлат ва расмиёте, ки дар КМҶ оид ба қабул ва санҷиши ариза дар бораи ҷиноят муқаррар гардидааст, риоя карда нашуданд. Масалан, ҳалнома оид ба рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ (қарор аз рӯи парванда) баъди 30 баъд аз оғози санҷиш гирифта шуд, ҳол он ки дар КМҶ ҶТ мӯҳлати ҳадди ақал даҳ рӯз аз лаҳзаи гирифтани ариза дар бораи ҷиноят муқаррар карда шудааст.

Мушкилот аз ҷониби судҳо риоя нашудани тартиб ва мӯҳлатҳои баррасии шикоят мутобиқи моддаи 124 КМҶ ҶТ (Тартиби судии баррасии шикоят аз қарори прокурор) вуҷуд дорад. Мутобиқи қисми 3 моддаи 124 КМҶ ҶТ «Шикоят аз ҷониби судя дар давоми даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи ворид шудани он бо роҳи огоҳ намудани арзкунанда ва прокурор аз вақти баррасӣ дида баромада мешавад». Аммо дар амал, судҳо баррасии шикоятҳоро ба таъхир мегузоранд, парвандаи ҷиноятӣ ва маводҳои тафтишотро талаб намекунанд, намояндаҳои мақомоти прокуратура ба мурофиаҳои судӣ ҳозир намешаванд. Адвокатҳо имконияти шинос шудан бо маводҳои тафтишот аз рӯи шикоятҳои шиканҷа, ки онро мақомоти прокуратура анҷом додааст, надоранд.

Яке аз мушкилотҳои дигар шинос шудан бо маводҳои тафтишот ҳангоми ба марҳилаи судӣ гузаштан мебошад. Масалан, ҳангоми шикоят овардан аз рӯи қарор оид ба рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи далели марги И.У. дар суди шаҳри Хуҷанд[7], адвокат дар бораи

[6] Адвокат ҳуқуқ дорад « - дар сурати пешниҳод кардани супоришнома (ордер) ва шаҳодатномаи адвокатӣ бемамоният дар алоҳидагӣ (аз ҷумла аз лаҳзаи дастгирии воқеӣ, нигоҳдорӣ дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ, тавқифгоҳи тафтишотӣ ё муассисаи ислоҳӣ), махфӣ бидуни маҳдуд кардани шумораи вохӯриҳо ва вакт бо зерҳимояи худ вохӯрад;»

[7] 29 сентябри соли 2016 бо Қарори худ суди шаҳри Хучанд қонеъ гардондани аризаи адвокат Д. Самадоваро дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи далели истифода шудани шиканҷа ва ғайриқонунӣ дастгир шудани Эгамов У. рад намуд.

шинос шудан бо маводҳои тафтишотро дархост кард, аммо суд баъди шунидани ақидаи прокуроре, ки ба нусхабардорӣ шудани маводҳои тафтишот зид буд, ба қонеъ гардондани дархост рад кард. Суд инро бо он асоснок кард, ки «адвокат бояд ба мақомоте, ки вобаста ба марги Эгамов У. тафтишот гузаронидааст, муроҷиат кунад».

Ба камаш 4 ҳолате маълум аст, ки дар судҳо қонеъ гардонодани дархостҳои адвокатҳо барои бо дастгоҳи суратгирӣ нусхабардорӣ кардани маводҳои тафтишоти аризаҳо оид ба ҳолатҳои шиканҷа, ки ҳамчун аризаҳои мустақилонаи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа пешниҳод шуда буданд, аз ҷумла ба нусхабардорӣ кардани маводҳои санҷише, ки мақомоти прокуратура бо супориши суд анҷом дода буд, рад карда шудааст.

*<u>Ихтисор кардани шаҳодатҳое, ки дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона дода шуданд.</u>* То ба имрӯз, ба Эътилоф ягон ҳолате маълум нест, ки шаҳодатҳое, ки дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона дода шудаанд аз маводҳои парвандаҳои ҷиноятие, ки аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2016 баррасӣ шудаанд, ихтисор карда шуда бошанд. Кӯшишҳои адвокатҳо барои назди суд дархост кардани ихтисор намудани шаҳодатҳое, ки дар натиҷаи истифода кардани шиканҷа гирифта шудаанд, бенатиҷа боқӣ мемонанд.

Аз ҷониби судҳои кишвар, доир ба се ҳолате, ки адвокатҳо оид ба ихтисор кардани шаҳодатҳое, ки дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа дода шудаанд, дар асоси моддаи 88 КМҶ ҶТ дархост карданд дар мӯҳлатҳои муқарраршуда баррасӣ нашуда дар анҷоми тафтишоти судӣ баррасӣ карда шуданд. Дар яке аз ҳалномаҳои суд ба қарори пештар қабулшуда оид ба рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ доир ба истифода шудани шиканҷа дар доираи парвандаи ҷиноятии оғознамуда, истинод оварда мешавад. Боз дар ду ҳолат, суд санҷиши аризаи аз ҷониби маҳкумшудагон пешниҳодшударо таъин намуд ва бо боздоштани тафтишоти судӣ дар натиҷа ба хулосаҳои мақомоти прокуратура доир ба исбот нашудани истифода гардидани шиканҷа такя кард. Илова бар ин, ба суд танҳо қарорҳои мурофиавӣ дар шакли қарор дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод карда шуданд, маводҳои санҷиш ба суд пешниҳод нашуданд. Аз ҷониби суд бошад маводҳои санҷиш дархост карда нашуд.

Санҷиши тамоми аризаҳо оид ба истифода шудани шиканҷа аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура анҷом дода мешавад, ки нисбати аризадиҳанда дар доираи парвандаи ҷиноятӣ тафтишот мебаранд, ки ин омил хилофи принсипи беғаразӣ мебошад.

### 3.3.8. Ҳифзи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ, муносибатҳои ғайриоинномавӣ

Аз ҷониби Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ дар соли 2016 нуҳ парвандаи нисбати хизматчиёни ҳарбӣ оғозгардида ба қайд гирифта шуд. Асосан ин ба ҷабрдидагони муносибатҳои ғайриоинномавӣ дахл дошт. Аз нуҳ парванда, панҷ ҳолати муносибати бераҳмона бо натиҷаҳои марговар. Тули чор соли охир муроҷиатҳо доир ба масъалаи муносибати бераҳмона дар қисмҳои низомӣ зиёд гардиданд: соли 2013 – 4, соли 2014 – 3, соли 2015 – 6 ва соли 2016 – 10.

Ба таври васеъ истифода шудани анъанаҳои бераҳмона ҳангоми адо намудани хизмати ҳарбӣ ба мушоҳида мерасад, ки дар натиҷаи истифода гардидани онҳо ба аскарон захмҳо расонида мешаванд, ки боиси маъюб шудан ё марг мегарданд. Ҳолатҳои лату кӯби аскарон барои итоат накардан ба қайд гирифта мешаванд. Дар яке аз чунин ҳолатҳо аскар дар натиҷаи сармо задан ҳангоми бурдани навбатдорӣ дар дидбонгоҳ ба қайд гирифта шуд, зеро аскар дар тан либосҳои тобистона дошт.

---

Қаблан дар натиҷаи анҷом додани экспертизаи тиббии судӣ дар бадани Эгамов шикаста шудани қабурғҳо ва изи захмҳо ошкор карда шуд, илова бар ин нишондодҳои шоҳидон низ мавҷуд буданд, ки аз он шаҳодат медоданд, ки Эгамов У. аз мавриди лату кӯб қарор гирифтанаш шикоят мекард. Эгамов инчун дар ҳузури дигар маҳкумшудагон, ки ин ҳолатро тариқи шаҳодатҳои хаттии худ тасдиқ карданд, мавриди лату кӯб қарор дода мешуд. Инчунин бародари Эгамов У. шаҳодат дод, ки Эгамов У. дастгир шуда ҳангоми зери тафтишот бо айбдории содир намудани ҷиноят тибқи қисми 2 моддаи 3073 КҶ ҶТ қарор доштанаш, мавриди лату кӯб қарор дода мешуд.

Соли 2016 аз рӯи 3 парвандаи солҳои пешин, ки нисбати хизматчиёни ҳарбӣ оғоз гардида буданд корҳо идома дода шуданд:

Соли 2016 аз рӯи 5 парванда ҳукми айбдоркунӣ бароварда шуд: нисбати Холова Э., Ҳайталиева Ф., Қурбонмадова Б., Забиров Р., Қурбоналиева З.Н. Ба мӯҳлатҳои гуногун 13 нафар аз озодӣ маҳрум карда шуданд, ки 6 нафари онҳо ба ҳайати роҳбарӣ тааллуқ доштанд.

Соли 2016, дар натиҷаи истифода шудани авф тибқи банди 5 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз соли 2016 як қисми маҳкумшудагон аз адои ҷазо озод карда шуданд (масалан, аз рӯи парвандаи Забиров Р. парвандаи ҷиноятӣ нисбати командир қатъ карда шуд), ё мӯҳлати адои ҷазои дар моддаи 391 қисми 3 КҶ ҶТ пешбинишуда, аз се як ҳисса кам карда шуд.

Аз рӯи як қатор парвандаҳо фишор овардан ба хешовандони хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби намояндагони роҳбарияти қисмҳои ҳарбӣ ба қайд гирифта шуд.

Тавре зикр шуда буд, Эътилоф ба масъалаҳои марбут ба ҷуброн шудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо аҳамияти зиёд зоҳир менамояд. Айни замон, қисми зиёди парвандаҳои марбут ба ҷуброн шудани товони зарари расонидашударо парвандаҳои хизматчиёни ҳарби ташкил мекунанд. Ин, аз он ҷумла ба он алоқаманд аст, ки маҳз аз рӯи ин парвандаҳо бештар парвандаҳои ҷиноятӣ ба суд равона карда мешаванд ва судҳо ҳукми айбдоркунӣ мебароранд. Соли 2016 корҳо аз рӯи парвандаҳои Раҳматов Фирдавс (соли 2015) ва Шаҳбол Мирзоев (соли 2014) идома дода шуданд. Боз чор парванда дар марҳилаи омода намудани аризаи даъвогӣ оид ба ҷуброн шудани товони зарари маънавӣ ва моддӣ қарор доранд.

#### 3.3.9. Мурофиаҳои стратегии судӣ

Мурофиаи стратегӣ (strategic litigation) – ин бурдани мурофиаҳои судӣ ва маъмурӣ аз рӯи парвандаҳои аз нуқтаи назари татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ зарурбуда мебошад, ки бо мақсади ба таври устувор тағйир додани қонун ё амалияи судӣ ё маъмурӣ, муайян намудани камбудиҳо дар қонун (нишон додани самтҳо ба қонунгузор), таъмини тафсири дуруст ва истифодаи дурусти муқарраротҳо, ба таври оммавӣ интишор кардани таҷрибаҳои манфӣ анҷом дода мешавад.

Соли 2014 ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф бо он розӣ шуданд, ки ҷиҳати ба роҳ мондани амалияи устувори ҷуброн шудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мурофиаҳои стратегии судӣ бурда шаванд.

Зараре, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва дигар намуд муносибати бераҳмона расонида шудааст, бояд бо тартиби дар КМҶ ва КГ ҶТ пешбинишуда ҷуброн карда шавад. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вазифадор аст ба шахси дучори шиканҷа гардида ҳуқуқи ӯро оид ба пешниҳоди даъво дар бораи ситонидани зарари молумулкӣ, маънавӣ ва тартиби пешниҳоди чунин даъворо фаҳмонида диҳад.[8]

Мутобиқи қисми 2 моддаи 12 КМҶ ҶТ, «Товони зараре, ки ба шахс *ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ* дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ расонида шудааст, бояд тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнида шавад». Давлат зараре, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи ғайриқонунӣ дастгир кардан, таҳти ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа озод кардан, ҷойгир кардан дар муассисаи тиббӣ, суд кардан, нисбати ӯ истифода шудани чораҳои маҷбурии хислати тиббӣ дошта расонида шудааст пурра ҷуброн менамояд. Шиканҷа ба рӯйхати асосҳое, ки аз рӯи онҳо товони зарари расонидашуда ҷуброн карда мешавад, дохил карда

[8] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 25 июни соли 2012 «Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа»

нашудааст. Илова ба ин, дар қонунгузории ҶТ тавре, ки дар қисми 1 моддаи 14 Конвенсияи зидди шиканҷа пешбинӣ шудааст муқарраротоид ба одилона ва ба таври дуруст ҷуброн шудани товони зарари расонидашуда (барои офиятбахшии пурраи эҳтимолӣ) пешбинӣ нагардидааст. Дар моддаи 462 КМҶ ҶТ рӯйхати товони зараре, ки бояд рӯёнида шавад, оварда шудааст: зарари молумулкӣ, оқибатҳои зарари маънавӣ, барқарор кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ, нафақавӣ, манзилӣ ва ғайра.

Дар кишвар амалияи судии ҷуброни товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, аз ҷумла коршиносон оид ба арзёбии зарари психологии (равонӣ) ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа расонидашуда, вуҷуд надорад. Ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа аз тарси таъқиби такрорӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо арзу шикоятҳо вобаста ба рӯёндани товони зарар муроҷиат намекунанд.

Соли 2016 вобаста ба ду парванда қарор оид ба ҷуброн шудани товони зарар баровварда шуд, аз рӯи як парванда рад карда шуда баъдан қатъ гардид, аз рӯи ду қарорӣ суд шикоят карда шуд.[9] Аз рӯи 7 парванда пешниҳод намудани аризаҳои даъвогӣ оид ба рӯёндани товони зарар ба нақша гирифта шудааст, аз ҷумла аз рӯи 2 парванда барои рӯёндани товони зарари маънавӣ ва моддӣ бинобар ба таври самаранок анҷом дода нашудани тафтишот.

Ҳангоми баровардани қарор судҳо ба моддаи 1116 КГ ҶТ истинод меоранд, «Андозаи ҷуброни зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳое ки агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарар бояд талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шавад». Мафҳуми «оқилона ва одилона»-ро судҳо дар амалия ба таври гуногун дарк мекунанд. Суд далелҳоро аз рӯи ақидаи шахсии худ, ки аз таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра, беғаразона ва бевоситаи далелҳои мавҷуда асос меёбад, арзёбӣ мекунад. Мушкили барои суд – ин арзёбии ранҷу азоби маънавии ҷабрдида ва арзёбии ҳуқуқии он мебошад. Тарафи дигари масъала – ин нуқтаи назари Вазорати молия ва мақомоте, ки дар истифода намудани шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона айбдоранд, мебошад. Бо эъҷод кардани монеаҳо дар амалияи ҷуброн шудани андозаҳои одилонаи товони зарар, ки метавонад ба зиёд шудани муроҷиатҳо ба суд доир ба масъалаи мазкур оварда расонад, мақомотҳои айбдор дидаву дониста андозаҳои товони зарарро кам мекунанд. Далелҳои гуногун истифода карда мешаванд, ба монанди вазъи душвори иқтисодӣ, надоштани маблағҳои пулӣ барои ҷуброн намудани товони зарар ва ба гардани шахсони воқеие, ки бевосита дар чунин ҳолатҳо айбдоранд задани ин талаботҳо. Далелҳои охирини шахсони ҷавобгар хилофи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳуриии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» мебошанд, ки дар он гуфта мешавад, ки «Муқаррар карда шавад, ки ҳалномаҳои суд дар бораи рӯёнидани зарари моддию маънавӣ, ки аз тарафи кормандони мақомоти давлатӣ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблағи сметаи хароҷоти онҳо амалӣ карда мешавад».

Мушкилот ҳангоми пешниҳод намудаи арзу шикоятҳо оид ба ҷуброн шудани товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа инчунин иборат аст аз:

- Дар амал, асос барои пешниҳод намудани арзу шикоят оид ба ҷуброни товони зарар ин мавҷуд будани ҳукми айбдоркунӣ мебошад, ки дар он далели нисбати шахс истифода шудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона дарҷ гардидааст. Парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи ҳолатҳои шиканҷа солҳо тафтиш карда мешаванд, ки ин кори адвокатон ва ҳомиёни ҳуқуқро аз рӯи чунин парвандаҳо мушкил месозад. Дар навбати худ, дар стандартҳои байналмилалӣ пешбинӣ мегардад, ки асос барои пешниҳод намудани арзу шикоят оид ба ҷуброни товони зарар худ бояд далели муайншудаи истифода гардидани шиканҷа бошад, на мавҷуд будани ҳукми ҷиноятӣ (айбдоркунӣ). Дар қонунгузорӣ низ ҳуқуқи пешниҳод намудани арзу шикоятҳо ва ҷуброн шудани товони зарари маънавӣ дар доираи мурофиаи судии граждании пешбинӣ гардидааст, ки дар он вазифаи исботкунӣ ба души даъвогар вогузор карда мешавад. Вале дар

[9] Шарҳи марҳилаи омода, пешниҳод ва баррасии шикоят дар суд оид ба ҷуброни товони зарари маънавӣ ва моддӣ. Шарҳи пурраи парвандаҳо дар ГЁҲ дастрас аст.

амал, механизми мазкур аз рӯи парвандаҳои марбут ба ҳолатҳои шиканҷа ҳанӯз истифода нашудааст.

- *норасоии мутахассисон* оид ба арзёбии зарари маънавӣ. Дар амал, чунин арзёбиро метавонанд танҳо мутахассисон-психологҳое, ки дар кафедраи психологияи мактабҳои олӣ кор мекунанд, анҷом диҳанд. Айни замон, дар Тоҷикистон танҳо як мутахассис ҳаст, ки аз ҷониби судҳо барои анҷом додани чунин арзёбӣ ҷалб карда мешавад. Эътилоф низ ҳангоми омода намудани аризаҳо оид ба ҷуброни товони зарар мутахассиси мазкурро барои анҷом додани арзёбӣ ҷалб менамояд. Бинобар ин, аз ҷониби судҳои кишвар натиҷаҳои арзёбӣ ва экспертизаҳое, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ анҷом дода мешаванд, ба инобат гирифта намешаванд. Вақте ки дар судҳо адвокатон чунин натиҷаи арзёбиро пешниҳод мекунанд, суд дубора аз ҷониби мутахассисони маҳаллӣ анҷом додани чунин экспертизаро таъин мекунад.

- *оқилона ва одилона набудани ҳаҷми маблағҳое, ки ҳамчун товони зарар пардохта мешаванд*. Ҳаҷми маблағҳо барои ҷуброни товони зарар аз рӯи парвандаҳои шиканҷа каманд ва дар ҳудуди аз 4000 то 20000 муқаррар карда мешаванд.

### 3.3.10. Ахбороти электронӣ

Аз ҷониби Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон якҷоя бо Эътилофҳои зидди шиканҷаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи Шӯрои Аврупо «Фаъолият баҳри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» ду шумораи ахбороти электронӣ нашр карда шуд:

*Ахбороти электронӣ «Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ», моҳи марти соли 2016*

Моҳи марти соли 2016 шумораи шашуми ахбороти электронӣ «Гурӯҳҳои ёрии ҳуқуқии Эътилофҳои зидди шиканҷаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон» нашр гардид.

Дар ахбори электронӣ маълумот дар бораи фаъолияти гурӯҳҳои ёрии ҳуқуқии Эътилофҳои ТҒҲ-и Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, аз ҷумла мусоҳиба бо аъзоёни ин гурӯҳҳо дарҷ гардидааст. Ахбор байни шарикони ташкилотҳо тариқи таҳвили (почтаи электронӣ) электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ паҳн карда шуд, инчунин дар торномаи ҲБҲИ (http://iphronline.org/legal-aid-groups-of-the-central-asian-coalitions-against-torture-20160311.html) ҷойгир карда шуд.

*Ахбороти электронӣ «Рӯёндани товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа расонида шудааст: комёбӣ ва мушкилот», моҳи октябри соли 2016*

Моҳи октябри соли 2016 шумораи ҳафтуми ахбороти электронӣ нашр гардид, ки дар он маълумотҳо доир ба мусоҳиба бо шаш ҳуқуқшинос ва психологҳо аз Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия ва Украина дар бораи таҷрибаи онҳо дар расондани кӯмаку дастгирӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо ҷиҳати рӯёндани товони зарар, аз ҷумла мусоҳиба бо адвокати Эътилофи зидди шиканҷа дар Тоҷикистон Гулчеҳра Холматова дарҷ гардида буданд. Дар мусоҳибаҳои худ адвокатҳо масъалаи барои чӣ рӯёндани товони зарар дар мубориза бар зидди шиканҷа аҳамияти калон дорад муҳокима карданд; чиро онҳо ҳамчун комёбиҳои асосӣ мешуморанд, ки дар ин соҳа онҳо ноил гаштанд; ва аз чунин комёбиҳо ҳукумати кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд чиро меомӯхтанд.

Инчунин дар ахбороти электронӣ мусоҳиба бо Елена Волочай, коршиносе, ки аз рӯи парвандаҳои марбут ба рӯёндани товонизарар барои шиканҷа аз соли 1995 кор кардааст, оварда шудааст. Дар мусоҳибаи худ коршинос доир ба таҷриба ва мушоҳидаҳои худ маълумот медидаҳад, инчунин доир ба ноил шудан ба оқилона ва одилона ҷуброн шудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа тавсияҳои худро пешниҳод менамояд. Маълумоти бештар дар http://iphronline.org/obtaining-compensation-torture-oct2106.html дастрас аст.

## 3.4. ҶОРӢ НАМУДАНИ ПРИНСИПҲОИ ИСТАМБУЛ ҶИҲАТИ САМАРАНОК АНҶОМ ДОДАНИ ТАФТИШОТИ ТИББӢ ВА ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ҲОЛАТҲОИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**3.4.1. Лоиҳаи пешбарӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбули Эътилофро** Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» ҳамоҳангсозӣ менамояд (ҳамоҳангсоз – Парвина Наврӯзова)

Бо Фармони Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 декабри соли 2013 таҳти №719 бо мақсади татбиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди шиканҷа[10] Гурӯҳи корӣ оид ба такмил додани низомномаҳои дохилӣ, дастурамал ва варақаҳо барои анҷом додани экспертизаи тиббии судӣ/психиатрӣ ва шаҳодаткунонии тиббӣ мутобиқи принсипҳои Протоколи Истамбул таъсис дода шуд. Ба ҳайати гурӯҳи мазкур намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коршиносон оид ба экспертизаи тиббии судӣ ва ҳуқуқшиноси Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» дохил карда шуданд[11].



Фаъолият оид ба пешбарии ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» бо кӯмаку дастгирии коршиносони созмони байналмилалии «Духтурон ҳомии ҳуқуқи инсон» татбиқ мегардад. Соли 2016 фаъолияти Гурӯҳи мазкур дастгирӣ карда шуд.

Аз моҳи октябри соли 2016 ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ ба татбиқи марҳилаи дуюми лоиҳаи **«Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва омӯзондани кормандони ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон доир ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мутобиқ ба стандартҳои Протоколӣ Истамбул»[12]** оғоз намуд.

Лоиҳа фаро мегирад:

- Гузарондани 2 тренинги чоррӯза вобаста ба масъалаи Протоколи Истамбул барои духтурон, кормандони оперативии СРИҶҶ, аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносон ва адвокатҳои Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷа;

- Таҳияи тафсир ба Кодекс дар бораи иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ;

- Таҳияи ахбороти семоҳа оид ба фаъолияти марбут ба ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул. Нашри 2 шумораи ахборот барои судяҳо, прокурорҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорат ва идораҳо, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ғайра ба нақша гирифта шудааст;

- Таҳияи маводҳои иттилоотӣ доир ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои маҳкумшудагон ва кормандони тиббӣ.

---

[10] Нақшаи чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди шиканҷа аз рӯи тавсияҳои Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа ва Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон Хуан Мэндес аз 15 августи соли 2013. http://notorture.tj/library/plan-meropriyatiy-gosudarstvennyh-organov-po-protivodeystviyu-pytkam

[11] Маълумоти бештарро оид ба фаъолияти гурӯҳи корӣ метавонед аз ҳисоботи «Ҳуҷҷатгузории самараноки ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибати ғайриинсонӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ дар Тоҷикистон мутобиқи принсипҳои Протоколи Истамбул» ТҶ «Маркази ҳуқуқӣ инсон», Душанбе соли 2014 дастрас намоед. http://notorture.tj/sites/default/files/articles/2015/files/effektivnoe_dokumentirovanie_pytok__0.pdf

[12] Лоиҳа дар доираи барномаи «Таҳкими Волоияти қонун ва ҳуқуқҳои инсон бо мақсади васеъ гардондани имкониятҳои одамон дар Тоҷикистон»-и Вазорати корҳои хориҷии Финляндия ва БРСММ дастгирӣ шудааст

Дар лаҳзаи омода кардани ҳисоботи мазкур, дар доираи ҳамин лоиҳа модул барои анҷом додани тренинг ва маводҳои иттилоотӣ таҳия карда мешаванд.

### 3.4.2. Ҷорӣ намудани Стандартҳои Истамбул ба барномаҳои дарсӣ

Дар доираи лоиҳаи «Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии судяҳо ва таҳияи машғулиятҳои лексионӣ ва барномаҳои таълимӣ барои кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ»[13] таҳлили барномаҳои таълимӣ оид ба фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии назди ДМТ анҷом дода шуда ду барномаи таълимӣ таҳия карда шуд, аз ҷумла:

- Барномаи таълимӣ оид ба тибби судӣ ва психиатрия барои донишҷӯёни курси 5-и факултети ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси экспертизаи судӣ.

- Барномаи таълимӣ – Тибби судӣ ва психиатрия.

10 машғулияти лексионӣ бо дарбар гирифтани стандартҳои Протоколи Истамбул таҳия карда шуд. Мавзӯъҳо дар бораи тибби судӣ инчунин ба кафедраи морфологияи факултети тиббии ДМТ супурда шуд. Тибқи барномаи нав донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ назди кафедраи мазкур омӯзонида хоҳанд шуд.

### 3.4.3. Семинару конференсияҳо

ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» дар ҳамкорӣ бо Маркази Омӯзишии судяҳои назди Суди Олии ҶТ 4 тренинги серӯза барои 57 судя ва 11 судяҳои таҷрибаомӯз ва як тренинг барои адвокатҳо доир ба масъалаи ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намуд муносибати бераҳмона мутобиқи стандартҳои Протокори Истамбул ташкил намуд, аз ҷумла:

- 6-8 апрел тренинги ТОТ (тренинг барои тренерҳо) оид ба стандартҳои Протоколи Истамбул гузаронида шуд. Дар он 17 иштирокчӣ ширкат варзиданд, аз онҳо 5 нафар тренерон (12 – аз ш. Душанбе, 3 – аз вилояти Суғд, 2 – аз вилояти Хатлон);

- 16-18 май барои 20 судя тренинг ташкил карда шуд. Дар он 21 нафар иштирок карданд, аз онҳо 5 нафар тренерон (5 – аз вилояти Суғд, 5 – аз вилояти Хатлон, 3 – аз ВМКБ, 5 – аз ш. Душанбе, 3 – аз НТҶ);

- 3-5 август барои судяҳо тренинг ташкил карда шуд. Дар он 25 нафар иштирок карданд, аз онҳо 5 нафар тренерон (9 – аз вилояти Хатлон, 1 – аз НТҶ, 7 – аз ш.Душанбе, 3 – аз вилояти Суғд);

- 22-24 август тренинг барои судяҳо ташкил карда шуд. Дар он 20 иштирокчӣ ширкат варзиданд, аз онҳо 5 нафар тренерон, 1 духтур-проктолог аъзои Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷа дар Тоҷикистон (1 – аз вилояти Суғд, 6 – аз вилояти Хатлон, 2 – аз ВМКБ, 8 – аз ш. Душанбе, 3 – аз НТҶ).

Аз 27 то 29 сентябр 1 тренинги серӯза доир ба стандартҳои Протоколи Истамбул барои адвокатҳо ва намояндагони ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷа дар Тоҷикистон гузаронда шуд. Тренинг бо иштироки тренерон Русудан Бериашвилӣ коршиноси созмони байналмилалии «Духтурон ҳомии ҳуқуқи инсон», Юсупов Бегидҷон духтур-равоншинос, Наврӯзова Парвина ҳуқуқшиноси ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» гузаронда шуд. Дар тренинг 12 иштирокчӣ ширкат варзид.

*Аз 27 то 30 апрели соли 2016* намояндаи Эътилоф, Наврӯзова П. ҳуқуқшиноси ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» дар конференсияи байналмилалии **«Солимии равонӣ, арзёбии натиҷаҳои психологии шиканҷа, офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа мутобиқи стандартҳои Протоколи Истамбул»**, ки дар кишвари Гурҷистон баргузор шуда буд, иштирок кард. Дар конференсия асосан масъалаҳои марбут ба психиатрияи судӣ, аз ҷумла муайян кардани

[13] Лоиҳа аз ҷониби Шӯъбаи байналмилалии ташкилоти Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон дастгирӣ гардид.

беморӣ, ташхис ва табобат, инчунин хусусиятҳои арзёбии нишонаҳои психологӣ ва психиатрӣ дар ҷабрдидагони ҳолаиҳои шиканҷа, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ муҳокима карда шуданд. Конференсия аз ҷониби Ассосиатсияи Байналмилалии равоншиносон ва Ассосиатсияи психиатрҳои Гурҷистон бо кӯмаку дастгирии Alliance for better mental health ташкил карда шуд.

Аз 21 то 22 сентябр дар шаҳри Бишкек **конференсияи байналмилалӣ** дар мавзӯи татбиқи стандартҳои Протоколи Истамбул, трансформатсияи (тағйир додан) таҷрибаи минтақавӣ ба меъёрҳои байналмилалии анҷом додани тафтишот ва ҳуҷҷатгузории самараноки ҳолатҳои шиканҷа баргузор гардид.

Аз ҷониби Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои фаъолияти ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул дар Тоҷикистон ва оид ба фаъолияти ҷуброн намудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа баромадҳо карда шуданд, аз ҷумла дар мавзӯъҳои зерин:

- *«Мушкилоти ҷорӣ намудани Протоколи Истамбул ба амалияи тиббии судӣ дар Тоҷикистон»* - Фурқат Ғаниев (директори Маркази экспертизаи (ташхиси) тиббии судии вилояти Суғд, аъзои Гурӯҳи кории назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ оид ба ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул)

- *Қонунгузорӣ ва амалияи ҷуброн намудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*, хонум Нигина Бахриева, директори Фонди ҷамъиятии «Нотабене», Роҳбари Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷа дар Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Мониторинги ҷорӣ намудани Протоколи Истамбул дар Тоҷикистон, хонум Парвина Наврӯзова, аъзои Гурӯҳи кории назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ «Оид ба ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул дар фаъолияти муассисаҳои тиббӣ», Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон», Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### 3.4.4. Таъсис додани лабараторияи тиббии молекулӣ-генетикӣ

Моҳи сентябри соли 2016 дар Маркази экспертизаи тиббии судии вилояти Суғд бо кӯмаку дастгирии Раёсати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин қисман маблағгузории Сафорати Финляндия аввалин лабораторияи тиббии молекулӣ-генетикӣ таъсис дода шуд. Аз ҷониби Маркази ҳуқуқи инсон ҷиҳати дарёфт намудани манбаҳои маблағгузории иловагӣ барои қисман харидорӣ кардани таҷҳизоту дастгоҳҳои ба лаборатория зарурӣ корҳо анҷом дода шуданд.

Дар лабораторияи мазкур имконияти анҷом додани таҳқиқи парвандаҳои марбут ба зӯроварии хонаводагӣ, куштор, худкушӣ, *намудҳои махсуси расондани ҷароҳат ба монанди лату кӯб, азобдиҳӣ, шиканҷа ва дигар намуд муносибати бераҳмона* фароҳам оварда шудааст.

### 3.4.5. Насб намудани маҳзани маълумтотҳо бо системаи назорати мустақим (онлайн), бақайдгирӣ ва назорат аз болои анҷом ва додани хулосаҳои тиббии судӣ ва санадҳои шаҳодаткунии тиббии судӣ

Фаъолият бахри ташкил кардани маҳзани маълумотҳо бо мақсади ба низом даровардани тартиби додани хулосаҳои экспертизаи тиббии судӣ, бақайдгирии мустақим (онлайн), ташкил кардани маҳзани маълумотҳо, такмил додани базаи далелҳо (акс-замимаҳо), коплектатсияи маълумотҳои бойгонӣ бидуни имконияти минбаъд тағйир додани он, тартиб додани ҳисоботҳо аз рӯи параметрҳои гуногун, мубориза бо зуҳуроти коррупсионӣ равона гардидааст.

Ташкил кардани маҳзани маълумотҳо бо ташаббуси роҳбари Маркази ноҳиявии экспертизаи тиббии судии вилояти Суғд ҷаноби Ғаниев Фурқат дар якҷоягӣ бо Маркази ҳуқуқи инсон дар доираи лоиҳаи ФҶ «Нотабене» «Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Қирғизистон» амалӣ карда шуд. Системаи автоматикунонидашудаи ҷойҳои корӣ (САҶ) барои коршиносони тиббии судӣ ва маъмури (администратор) система, дастурамали истифодабарӣ барои коршинос ва маъмури система таҳия карда шуд. Дар ҳама шӯъбаҳои Маркази ноҳиявии экспертизаи тиббии судии вилояти Суғд системаи бақайдгирӣ насб карда шуда давоми соли

2016 озмуда шуд. Бо мақсади самаранок амал кардани система таҷҳизоту дастгоҳҳои заруръ ба монанди принтерҳо (15 адад), сканерҳо (15 адад), дастгоҳҳои суратгирӣ (15 адад), системаҳои UPS (15 адад) харидорӣ карда шуда ба шабакаи интернет пайваст карда шуданд. Техникаи харидоришуда ба коршиносони ҳамаи шӯъбаҳои Марказҳои экспертиза пешниҳод карда шуд.

## 3.5. ФАЪОЛИЯТИ ТАҲЛИЛӢ ВА ПЕШБАРӢ КАРДАНИ ТАВСИЯҲОИ ЭЪТИЛОФИ ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА (ЭДВОКАСӢ)

Аз ҷониби Эътилоф фаъолияти пешбарии озодӣ аз шиқанҷа дар Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ тариқи гузаронданӣ вохӯриҳо бо дипломатҳо ва намояндагони делегатсияиҳои байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ, таҳияи гузоришҳои таҳлилӣ ва пешбарӣ намудани тавсияҳои худ фаъолона ба роҳ монда шудааст. Фаъолияти мазкур аз ҷониби ФҶ «Нотабене» дар доираи лоиҳаи «Фаъолият баҳри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Қирғизистон» [14] анҷом дода мешавад. Дар ин самт Эътилоф бо Созмони ҷаҳонии зидди шиканҷа (ОМСТ), Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ҲБҲИ), Фонди Хелсенки оид ба ҳуқуқи инсон фаъолона ҳамкорӣ менамояд.

### 3.5.1. Тафсири даврии универсалӣ

*Таҳия намудани маводҳои иттилоотӣ барои ҳайатҳои намояндагони ҳукуматӣ дар арафаи баррасии гузориши Тоҷикистон дар доираи ТДУ, моҳи марти соли 2016*

Дар арафаи баррасии Гузориши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ТДУ ҳуҷҷати иттилоотӣ дар ҳаҷми ҳафт саҳифа барои ҳайатҳои намояндагони ҳукуматӣ, аз ҷумла мавод (презентатсия) оид ба масъалаҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, ки аз ҷониби аъзои Эътилофи зидди шиканҷа дар ҷараёни ҷаласаи пешакӣ оид ба ТДУ пешниҳод шуда буд, таҳия карда шуд. Дар ҳуҷҷат шарҳи мухтасари нигарониҳо доир ба вазъи ҷойдоштаи шиканҷа дар кишвар бо истинод ба тавсияҳои мақомоти шартномавии СММ ва тавсияҳои Расмиёти махсуси СММ вобаста ба масъалаҳои мазкур дода шудааст. Маълумоти бештар дар торномаи ҲБҲИ дастрас аст (http://iphronline.org/wp-content/uploads/2016/04/Briefing-on-key-concerns-on-torture-for-UPR-Tajikistan-March-2016.pdf).

*Пешбарӣ намудани гузориши Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷа дар доираи ТДУ ва иштирок дар ҷаласаи пешакии Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Женева.*

31 март ва 1 апрели соли 2015 намояндагони Эътилофи ТҒҲ-и Тоҷикистон дар ҷараёни 25 ҷаласаи Гурӯҳи кории ТДУ ширкат варзиданд. Ҳомиёни ҳуқуқ бо намояндагони Идораи Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ИКОҲИ) ва намояндагони доимии дипломатӣ дар шаҳри Женева вохӯрданд. Бо ин мақсад аз ҷониби фонди ҷамъиятии Нотабене дар якҷоягӣ бо IPHR ариза барои пешниҳод намудан дар ҷараёни ҷаласа, аз ҷумла иқтибоси мухтасар аз гузориш бо хулоса ва тавсияҳои асосӣ омода карда шуд. Илова бар ин ба ҳуҷҷати мазкур маълумоти навкардашуда оид ба вазъи ҷойдоштаи шиканҷа дар кишвар дохил карда шуд.

### 3.5.2. Мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқи инсони СММ

*Ҷаласаи корӣ доир ба муҳокимаи лоиҳаи сеюм гузориши даврии ҶТ оид ба ҷараёни татбиқи Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намуд муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон*

[14] Лоиҳа бо дастгирии молиявии Шӯрои Аврупо дар ҳамкорӣ бо Фонди Хелсенки оид ба ҳуқуқи инсон (Варшава, Полша), Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (Брюссел, Белгия) ва Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонунияти Қазоқистон амалӣ карда мешавад.

14 ноябри соли 2016 якҷоя бо Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИКОҲИ минтақавии СММ мизи мудаввар доир ба муҳокимаи лоиҳаи гузориши даврии сеюм ба Кумитаи зидди шиканҷа гузаронида шуд, ки дар он намояндагони мақомоти давлатӣ ва аъзоёни Эътилоф иштирок карданд. Аз ҷониби Эътилоф доир ба лоиҳаи гузориш мулоҳизаҳо омода карда шуд, инчунин ҳангоми гузарондани вохӯрӣ мулоҳиза ва муҳокимаҳои дахлдор пешниҳод гардиданд.

*Рӯйхати саволҳо барои Кумитаи зидди шиканҷа ба гузориши даврии сеюми Тоҷикистон*

Дар ҷаласае, ки моҳи ноябри соли 2017 баргузор мегардад Кумитаи зидди шиканҷа рӯйхати саволҳоро ба гузориши даврии сеюми Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа қабул хоҳад кард. Аз ҷониби Эътилоф мониторинги иҷрои тавсияҳои КЗШ анҷом дода мешавад: тафсири қонунгузорӣ, тафсири амалияи истифобарии қонунҳо ва мониторингҳо. Натиҷаҳои мониторингҳо дар Пешниҳодҳои Эътилоф барои дохил кардан ба рӯйхати саволҳо ҳамчун асос истифода хоҳанд шуд.

*Таҳия ва пешниҳод намудани Гузориши ТҒҲ ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи башар*

Дар соли 2018 баррасии гузориши даврии сеюми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи СММ зидди шиканҷа ба нақша гирифта шудааст. Дар робита ба ин Фонди ҷамъиятии Нотабене дар якҷоягӣ бо ҲБҲИ корҳоро ҷиҳати таҳия намудани гузориши ТҒҲ ба Кумитаи СММ зидди шиканҷа оғоз намуд. Аз ҷониби ташкилотҳо нақшаи муфассал таҳия карда шуда камбудиҳои мавзӯие, ки бояд нав карда шаванд, мониторинг ва таҳқиқи минбаъдаро тақозо мекунанд, муайян карда шуданд.

### 3.5.3. Стратегияи Шӯрои Аврупо барои Осиёи Марказӣ

Ҳар сол пеш аз муколамаи расмии Шӯрои Аврупо ва Тоҷикистон доир ба ҳуқуқҳои инсон вохӯриҳои ҳайати намояндагони Шӯрои Аврупо бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мегузаранд. Дар ҷараёни вохӯриҳо аз ҷониби аъзоёни Эътилоф ба ғайр аз дигар масъалаҳо масъалаи озодӣ аз шиканҷа бардошта мешавад ва минбаъд дар доираи муколамаҳои расмӣ доир ба ҳуқуқҳои инсон масъалаи мазкур мавриди муҳокима қарор дода мешавад.

Моҳҳои май-июни соли 2016 аз ҷониби Фонди ҷамъиятии Нотабене дар якҷоягӣ бо ҲБҲИ ҳуҷҷати таҳлилӣ вобаста ба вазъи ҷойдоштаи шиканҷа дар кишвар, инчунин ҳолатҳои инфиродӣ ва тавсияҳои мушаххас барои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

**Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)**

**Чорабинии ҳамзамон (side-event) дар Ҷаласаи САҲА доир ба андозаи инсонӣ, моҳи сентябри соли 2016.**

Моҳи сентябри соли 2016 барои Ҷаласаи САҲА доир ба андозаи инсонӣ дар ҳаҷми панҷ саҳифа ҳуҷҷат омода карда шуд, ки ба он мушкилотҳои асосӣ ва тавсияҳои калидии эътилофҳои зидди шиканҷаи Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дохид карда шуданд. Маълумоти бештар дар торномаи ҲБҲИ дастрас аст: http://iphronline.org/osce-hdim-statement-torture-ca-20160923.htm

## 3.6. ИНТИШОР КАРДАНИ МУШКИЛОТИ ШИКАНҶА ДАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

Эътилоф ба кор бо ВАО доир ба интишори мушкилоти шиканҷа ва ба роҳ мондани сиёсати «таҳаммулнопазирии комил» ба шиканҷа аҳамияти зиёд зоҳир менамояд. Интишори ҳолатҳои инфиродии истифода шудани шиканҷа ва ҷараёни мурофиаҳои судӣ барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷамъиятӣ, мақомоти давлатӣ, созмону ташкилотҳои милливу байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба масъалаҳои мазкур ва муттаҳид сохтани кӯшишҳои онҳо дар мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ мусоидат мекунад.

Фаъолияти Гурӯҳи медиавӣ ҷиҳати ба таври систематикӣ интишор намудани фаъолияти Эътилоф, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ ва ҷалб кардани аҳолӣ ба



мубориза бар зидди шиканҷа тариқи ВАО равона гардидааст. Гурӯҳи медиавӣ намояндагони ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф ва рӯзноманигорони алоҳидаро муттаҳид месозад. Котиботи Гурӯҳи медиавӣ аз ҳамоҳангсоз, се мутахассиси инъикосгари мушкилоттикаи шиканҷа ва як IT-мутахассис иборат мебошад.

Соли 2016 фаъолияти Гурӯҳи медиавӣ дар доираи лоиҳаҳои «Мубориза бар зидди шиканҷа: Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон» амалӣ карда шуд, аз ҷумла бо кӯмаку дастгирии Маркази САҲА дар Тоҷикистон, «Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» бо кӯмаку дастгирии Шӯрои Аврупо ва «Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон» бо кӯмаку дастгирии Фонди Зигрид Рузинг.

Дар ҷаласаи солонаи Эътилоф, ки моҳи феврали соли 2016 баргузор гардида буд ташкилоти нави ҳамоҳангсози Гурӯҳи медиавӣ: Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон (Шоира Давлатова) интихоб гардид.

Аз моҳи январ то моҳи майи соли 2016 корҳо доир ба рушди фаъолияти Гурӯҳи медиавӣ анҷом дода шуданд: ҳайати Гурӯҳи медиавӣ таъсис дода шуд, лоиҳаи Медиа-стратегия ва нақшаи кории Гурӯҳи медиавӣ барои соли 2016 таҳия карда шуд.

*04-05 майи соли 2016* ҷаласаи васеи Гурӯҳи медиавӣ баргузор шуд, ки дар он муҳокимаи муфассали Медиа-стратегия ва нақшаи корӣ гузаронда шуд, аз ҷумла нақшаи корӣ оид ба гузарондани иқдомҳо ба муносибати Рӯзи байналхалқии дастгирии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа қабул карда шуд.

### 3.6.1. Тренинги "Усулҳои стратегӣ барои робитаи ТҒҲ бо аҳли ҷомеъа, ВАО ва сохторҳои ҳукуматӣ", Алмато, 1-2 феврали соли 2016

*1-2 феврали соли 2016* дар шаҳри Алмато дар доираи лоиҳаи "Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон" семинар дар мавзӯи "Усулҳои стратегӣ барои робитаи ТҒҲ бо аҳли ҷомеъа, ВАО ва сохторҳои ҳукуматӣ" баргузор гардид. Семинар ба васеъ гардондани маълумотнокии иштирокчиён доир ба воситаҳо ва стратегияҳои иттилоотонии самараноки сохторҳои ҳукуматӣ ва аҳли ҷомеа вобаста ба масъалаҳои мушкили марбут ба истифода шудани шиканҷа, аз ҷумла пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба рафъ намудани онҳо имконият фароҳам овард. Ба фаъолони ТҒҲ ва рӯзноманигорон имконияти табодули таҷриба ва таҳияи усулҳои нав ва стратегияҳои самаранок бо мақсади дар фаъолияти худ вобаста ба мубориза бар зидди шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон истифода кардан, фароҳам оварда шуд.

### 3.6.2. Сафари омӯзишӣ доир ба стратегияҳои коммуникатсионӣ, шаҳри Алмато, 25-27 феврали соли 2016

25-27 феврали соли 2016 бо дастгирии молиявии Amnesty International дар доираи лоиҳа оид ба рушди институтсионалии Эътилофҳои ТҒҲ-и кишварҳои Осиёи Марказӣ, намояндагони Эътилофҳои ТҒҲ-и зидди шиканҷаи Қирғизистон ва Тоҷикистон дар сафари омӯзишӣ доир ба стратегияҳои коммуникатсионӣ, ки аз ҷониби Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷаи Қазоқистон дар шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон ташкил шуда буд, иштирок карданд.

Ба барномаи курси омӯзишӣ мавзӯҳои зерин барои омӯзиш ва шиносоии амалӣ (таҷриба) дохил карда шуданд: PR-банақшагирии стратегӣ барои ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ; интернет-имкониятҳо барои пешбарӣ намудани ТҒҲ; таҳлили маълумотҳо ва таҳияи инфографикаҳо;

воситаҳои multimedia ва таҳияи видео-контен ҷиҳати рушди стратегияҳои коммуникатсионии ТҒҲ; аз ҷумла маҳорати назди омма баромад кардан.

Баъди гузаштани курси омӯзишӣ, иштироккунандагон метавонистанд лоиҳаҳои PR-стратегияҳоро барои эътилофҳои худ тартиб диҳанд, бо ададҳо кор кунанд ва барои дар нашрияҳо истифода намудан графикаҳо таҳия кунанд, наворбардорӣ ва наворсозӣ кунанд, баромад кунанд ё PR-баромадҳои оммавӣ ташкил кунанд. Донишу малакаи дар рафти сафари омӯзиши андӯхта ба эътилофҳо ҷиҳати таҳия намудани PR-стратегияҳо лозим хоҳанд шуд.

### 3.6.3. Тренинг оид ба PR-фаъолияти Эътилоф дар Варшава, 20-21 сентябри соли 2016

20-21 сентябри соли 2016, Гурӯҳи медиавӣ дар тренинг оид ба PR-фаъолияти Эътилоф дар Варшава, ки аз ҷониби Фонди Хелсенки оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи лоиҳаи «Фаъолият баҳри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» ташкил шуда буд, иштирок кард.

### 3.6.4. Торномаи (веб-сайти) Эътилофи «Озодӣ аз шиканҷа» - www.notorturetj.org

Торнома бо се забон таҳия шудааст: русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ. Торномаи мазкур аз соли 2012 амал мекунад. Илова бар ин Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди Facebook, Twitter ва Google+ саҳифаҳои худро дорад. Маълумот дар саҳифаҳои иҷтимоии Эътилоф ҳамзамон бо ҷойгир кардани маълумоти нав ба торномаи «Озодӣ аз шиканҷа» нав карда мешаванд.

Соли 2016 суроғаи нави торнома www.notorturetj.org ба қайд гирифта шуд (суроғаи пешина www.notorture.tj) ва ба он маълумотҳо интиқол дода шуданд. Айни ҳол, ҳарду нишонии сомонаи Эътилоф фаъол мебошанд.

Дар давраи аз моҳи январ то моҳи декабри соли 2016 дар торномаи Эътилоф **460 мавод** – ахборот, маводҳои таҳлилӣ, шарҳи матбуотӣ, мусоҳиба, маводҳои видеоӣ ва аудиоӣ: **212** мавод **ба забони тоҷикӣ** ва **188** мавод **ба забони русӣ**, инчунин як қисми маводҳои ба забони англисӣ тарҷумашуда нашр карда шуд.

*Беҳтар намудани торнома.* Соли 2016 корҳо ҷиҳати беҳтар намудани торнома ва нав кардани маълумотҳо дар саҳифаи иҷтимоии эътилоф дар Фейсбук https://www.facebook.com/noturture.tj/ анҷом дода шуданд. Дар давраи ҳисоботӣ ба саҳифаи мазкур зиёда аз 100 ахборот ва истинодҳо оид ба масъалаҳои марбут ба озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон ҷойгир карда шуд.

*Пешбарӣ намудани торнома ва саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ.* Соли 2016 таблиғи (реклама) торномаи Эътилоф дар яке аз торномаи машҳур «Азия-Плюс» ва дар саҳифаи Эътилоф дар шабакаи иҷтимоии фейсбук ба роҳ монда шуд. Дар лаҳзаи ба роҳ мондани таблиғот иштирокчиёни гурӯҳро 465 нафар ташкил медод, дар охири соли 2016 шумораи иштирокчиёни гурӯҳ ба 3401 нафар расид.



Соли 2016 шумораи нафароне, ки саҳифаи Эътилофро дар фейсбук мехонданд 505 198 нафарро ташкил дод. Дар давоми гузарондани иқдомҳо шумораи нафароне, ки маводҳои Эътилофро дар як шабонарӯз мехонданд аз 4000 то 6000 нафар зиёд гардид. Ҳар ҳафта аз 120 то 200 нафар иштирокчии гурӯҳ мегардиданд. Масалан: мақоми торнома аз 4493 то 27837 бардошта шуд, шумораи лайкҳои ба маводҳо гузошташуда 21 7972 ташкил намуд, мулоҳизаҳо доир ба маводҳои дар фейсбук ҷойгиркардашуда 32427 ташкил намуд.




Ба ҳисоби миёна **шумораи боздидҳо** ба торнома аз моҳи январ то моҳи декабри соли 2016 ташкил дод: 124 ҳаз. 445 боздид, ки дар як ҳафта тақрибан 2304 боздидро ташкил мекунад.

Аз лаҳзаи ба роҳ мондани таблиғот (май-июн, соли 2016) шумораи обунашудагон ба торнома зиёд гардид:




### 3.6.5. Мақолаҳои таҳлилӣ, маводҳои иттилоотӣ, мултимедиа

Давоми давраи ҳисоботӣ дар торномаи Эътилоф 11 маводи таҳлилӣ нашр карда шуд, аз онҳо 3 мақолаи муаллифӣ.

1. Панҷум моҳи тафтишот: Гунаҳкорони марги донишҷӯ дар шаҳри Ваҳдат муайян карда нашуданд (Пятый месяц следствия: виновные в смерти студента в Вахдате не выявлены, 18.01.2016, http://www.notorturetj.org/analytics/pyatyy-mesyac-sledstviya-vinovnye-v-smerti-studenta-v-vahdate-ne-vyyavleny)

2. Эътилофҳои «зидди шиканҷаи» се кишвари Осиёи Марказӣ дар Варшава вазъи ҷойдоштаи ҳолатҳои шиканҷаро муҳокима карданд («Антипыточные» коалиции трех стран Центральной Азии обсудили в Варшаве ситуацию с пытками», 24.09.2016, http://www.notorturetj.org/analytics/antipytochnye-koalicii-treh-stran-centralnoy-azii-obsudili-v-varshave-situaciyu-s-pytkami)

3. Ҳаёт ва дарду азоби Шаҳбол (Жизнь и боль Шахбола, 14.12.2016 http://www.notorturetj.org/analytics/zhizn-i-bol-shahbola)

Давоми давраи ҳисоботӣ **416 маводи иттлоотӣ** таҳия карда шуд (**ба забони русӣ – 176, ба забони тоҷикӣ – 180 ва ба забони англисӣ – 60 мавод**), аз ин шумора тақрибан нисфи онҳо – муаллифӣ мебошанд.

Соли 2016 дар торномаи Эътилоф **4 маводи видеоӣ** ҷойгири карда шуд:

1. Баъди ду сол. Шаҳбол аз пайдо шудани ҳис дар пойҳояш хушҳолӣ мекунад (Навор), 08.04.2016, http://notorture.tj/tj/video/badi-du-sol-shakhbol-az-paydo-shudani-khis- dar-poykhoyash-hushkholi-mekunad-navor
2. Марги мармузи Бахтиёр баъди 5 рӯзи хидмат дар артиш, 20.04.2016, http://www.notorturetj.org/tj/news/margi-marmuzi-bahtiyor-badi-5-ruzi-hidmat-dar-artish
3. Кӯмаки вазир барои пайванди гурдаи Эмомиддин, 04.07.2016, http://www.notorturetj.org/tj/news/kumaki-vazir-baroi-payvandi-gurdai-emomiddin-video
4. 14 соли зиндони сержант Табуров барои марги Бахтиёр дар артиш (ВИДЕО), 20.07.2016, http://www.notorturetj.org/tj/news/14-soli-zindoni-serzhant-taburov-baroi-margi-bahtiyor-dar-artish-video

### 3.6.6. Шарҳи матбуот, изҳороти матбуотӣ (пресс-релиз), барномаҳои радиоӣ:

Соли 2016 доир ба мавзӯъи шиканҷа ва муносибати бераҳмона **18 шарҳи матбуоти** ВАО, инчунин **8 изҳороти матбуотӣ** оид ба фаъолияти Эътилоф таҳия карда шуд:

*Тафсир барои моҳи январ:*

1. Баррасии такрории парвандаи Шаҳбол ва куштори кормандони қисми даъвати ҳарбӣ (военкомат) (Пересмотр дела Шахбола и убийство сотрудников военкомата, 04.01.2016, ) http://www.notorturetj.org/press/peresmotr-dela-shahbola-i-ubiystvo-sotrudnikov-voenkomata

*Тафсир барои моҳи феврал:*

2. Ба зудӣ бад шудани вазъият вобаста ба ҳуқуқҳои инсон ва тафтишоти дуру дароз (Резкое ухудшение ситуации с правами человека и затянувшееся следствие, 10.02.2016,) http://www.notorturetj.org/press/rezkoe-uhudshenie-situacii-s-pravami-cheloveka-i-zatyanuvsheesya-sledstvie
3. Нигаронӣ аз латукӯб дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон, 12.02.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/nigaroni-az-latukub-dar-dohil-va-horichi-tochikiston

*Тафсир барои моҳи март:*

4. Бозтоби қазияи давомдор ва иқдомҳои нави ҳуқуқӣ, 07.03.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/boztobi-kaziyai-davomdor-va-ikdomkhoi-navi-khukuki
5. Хулосаҳои солонаи Эътилофи зидди шиканҷа ва маҳдудкунии умумии озодӣ дар кишвар (Итоги Коалиции против пыток за год и тотальное ограничение свобод в стране, 09.03.2016,) http://www.notorturetj.org/press/itogi-koalicii-protiv-pytok-za-god-i-totalnoe-ogranichenie-svobod-v-strane

*Тафсир барои моҳи апрел:*

6. Кӯшишҳо барои ҷилавгирӣ аз шиканҷа, 09.04.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/kushishkho-baroi-chilavgiri-az-shikancha

7. Қонунгузории «зидди шиканҷа», «сурхча»-и артиши Меҳровар ва ҷаримаҳои кормандони қисми даъвати ҳарбӣ («Антипыточное» законодательство, армейская «корь» Мехровара и штрафы сотрудников военкомата, 12.04.2016,) http://www.notorturetj.org/press/antipytochnoe-zakonodatelstvo-armeyskaya-kor-mehrovara-i-shtrafy-sotrudnikov-voenkomata

*Тафсир барои моҳи май:*

8. Тафсири ВАО барои моҳи апрели соли 2016: марг баъди 5 рӯзи хизмати ҳарбӣ ва стратегияи 5-солаи Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷа (Обзор СМИ за апрель 2016: смерть после 5 дней в армии и 5-летняя стратегия Коалиции НПО против пыток, 06.05.2016,) http://www.notorturetj.org/press/obzor-smi-za-aprel-2016-smert-posle-5-dney-v-armii-i-5-letnyaya-strategiya-koalicii-npo-protiv
9. «Облава», ваъдаи вакили парлумон ва ҷуброни шиканҷа, 06.05.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/oblava-vadai-vakili-parlumon-va-chubroni-shikancha

*Тафсир барои моҳи июл:*

10. Пайки хуш дар арафаи Рӯзи дастгирии қурбониёни шиканҷа, 12.07.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/payki-hush-dar-arafai-ruzi-dastgirii-kurboniyoni-shikancha

*Тафсир барои моҳи август:*

11. Кӯмаки Салимзода ва дастури Раҳимзода, 12.08.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/kumaki-salimzoda-va-dasturi-rakhimzoda

*Тафсир барои моҳи сентябр:*

12. Таваҷҷуҳи прокуратура ба муроҷиати Эътилофи зидди шиканҷа, 12.09.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/tavachchukhi-prokuratura-ba-murochiati-etilofi-ziddi-shikancha

*Тафсир барои моҳи октябр:*

13. Латукӯби рӯзноманигори ҷавон дар сархати ахбори расонаҳо, 10.10.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/latukubi-ruznomanigori-chavon-dar-sarhati-ahbori-rasonakho
14. Дар Душанбе мизи мудаввар оид ба анҷом додани таҳқиқи самаранок мутобиқ ба Протоколи Истамбул баргузор ҳоҳад шуд (В Душанбе состоится круглый стол, посвященный эффективному расследованию согласно Стамбульскому протоколу, 24.10.2016, http://notorturetj.org/news/v-dushanbe-sostoitsya-kruglyy-stol-posvyashchennyy-effektivnomu-rassledovaniyu-soglasno

*Тафсир барои моҳи ноябр:*

15. Октябр: Инъикоси қазияҳои давомдор ва нав, 16.11.2016, http://www.notorturetj.org/tj/press/oktyabr-inikosi-kaziyakhoi-davomdor-va-nav
16. Изҳороти матбуотӣ: 14 қиссаи воқеӣ дар бораи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа дар Тоҷикистон (Пресс-релиз: 14 реальных историй о жертвах пыток в Таджикистане, 24.11.2016,) http://notorturetj.org/news/press-reliz-14-realnyh-istoriy-o-zhertvah-pytok-v-tadzhikistane

#### 3.6.7. Иқдоми "Ҷабрдидаи шиканҷаро дастгирӣ намо!" ба муносибати Рӯзи байналхалқии мубориза бар зидди шиканҷа

15 июни соли 2016 *иқдоми (аксия) "Ҷабрдидаи шиканҷаро дастгирӣ намо! Беҷазоиро қатъ намо!"* ташкил карда шуд. То 26 июн 17 қиссаи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ нашр гардид. Баъдан иқдоми мазкурро нашриёти торномаи "Азия Плюс" идома дод ва ҳамарӯза дар торнома қиссаҳои интихобшудаи ҷабрдидагони ҳолатҳои

шиканҷа нашр карда мешуданд. Дар давоми ба роҳ мондани иқдом мақолаҳо аз ҷониби 175.449 нафар хонда шуд ва 645 нафар онҳоро ба дигарон паҳн намуданд.

Давоми ташкил шудани иқдомҳо шумораи хонда шудани қиссаҳо ташкил намуд:

| № | Ному насаб | Саҳифа дар фейсбук | | | Азия плюс | Паҳнкунӣ (Перепост) | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | русӣ | тоҷикӣ | англисӣ | | | |
| 1. | Шамсиддин Зайдуллоев | 4,616 | 489 | 242 | 3547 | 14 | 8,894 |
| 2 | Шаҳбол Мирзоев | 3,072 | 2,556 | 346 | 3,231 | 26 | 9,521 |
| 3 | Фирдавс Раҳматов | 6,972 | 669 | 227 | 5,307 | 43 | 13,175 |
| 4 | Дилшодбек Муродов | 3,355 | 2,373 | - | 6,468 | 23 | 12,196 |
| 5 | Акмал Давлатов | 4,340 | 4,203 | - | 4,787 | 30 | 13,330 |
| 6 | Сафаралӣ Сангов | 3,050 | 3,654 | 445 | 4,552 | 34 | 11,701 |
| 7 | Ҳамза Икромзода | 4,097 | 2,937 | 627 | 3,203 | 23 | 10,864 |
| 8 | Хуршед Бобокалонов | 1,337 | 2,912 | 2971 | 4,086 | 65 | 11,306 |
| 9 | Умар Бободжонов | 17,747 | 1,655 | - | - | 115 | 19,402 |
| 10 | Абдуваҳоб Қаюмов | 5,300 | 4,616 | 864 | 3,767 | 48 | 14,547 |
| 11 | Исмоил Бачаҷонов | 2,424 | 1,872 | | | 18 | 4,296 |
| 12 | Бахромиддин Шодиев | 5,214 | 3,216 | | | 31 | 8,430 |
| 13 | Фаррухҷон Ҳайталиев | 6,788 | 5,820 | 928 | | 79 | 13,536 |
| 14 | Мақсуд Носиров | 3,113 | 3,054 | 734 | | 30 | 6,901 |
| 15 | Исмонбой Бобоев | 3,145 | 2,444 | | | 20 | 5,589 |
| 16 | Парвиз Дустматов | 5,577 | 2648 | | | 32 | 8,225 |
| 17 | Уктамҷон Эгамов | 1,811 | 1,925 | | | 14 | 3,736 |
| | **Ҳамагӣ:** | | | | | **645** | **175,449** |

Рӯзи охирини иқдом мавод оид ба ҳамаи қиссаҳое, ки қаблан дар торнома ва саҳифаи Фейсбук нашр шуда буданду онҳоро 4935 нафар хонданд, таҳия карда шуд.

Аз ҷониби мутахассисони Идораи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва риояи қонунияти Қазоқистон дар доираи лоиҳаи «Фаъолият баҳри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» *навори видеоии иҷтимоӣ* таҳия карда шуд. Навори видеоии мазкур ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд. Дар доираи иқдом, аз 20 то 26 июн, мусофирони нақлиётҳои мусофиркаши №2, 16, 25, ва 46 пойтахт тавонистанд тариқи таблоҳои дар дохили салони нақлиётҳои номбурда, насбгардида навори видеоии бахшида ба дастгирии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷаро тамошо кунанд.

Аз 24 то 26 июни соли 2016 дар экранҳои калони шаҳри душанбе: назди меҳмонхонаи «Тоҷикистон», бинои Телевизиони «Сафина» ва муҷассамаи Исмоили Сомонӣ видео роликҳо бо титрҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ намоиш дода шуданд. Дар асоси видео роликҳо принсипи моддаи 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва озодиҳои асосӣ «Ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор гирад» гузошта шуд.

*Намоиши аксҳо* аз моҳи июни соли 2013 ин ҷониб баргузор карда мешавад. Соли 2013 аввалин маротиба аз ҷониби ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» дар шаҳри Душанбе дар арафаи Рӯзи байналмилалии ҳифзи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа баргузор карда шуд.

Дар намоиши аксҳо нуҳ қисса тариқи аксҳо пешниҳод шуда буд. Дар асоси шаштои он парвандаҳои резонансии Ҳамзалӣ Икромзода, Хуршед Бобокалонов, Баҳромиддин Шодиев, Сафаралӣ Сангов, Исмоил Бачаҷонов ва Дилшодбек Муродов, ки ҳангоми боздошт ё таҳти ҳабс нигоҳдорӣ фавтиданд, гузошта шуд. Намоиш ба мардонагӣ ва суботкории хешовандоне, ки наздикони худро дар натиҷаи бераҳмӣ ва мавриди шиканҷа қарор гирифтан, ҳалок гаштанд, бахшида шуд. Ҳар сол ба намоиш қиссаҳои нав илова мегарданд.

Дар мувофиқа бо аъзоёни Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ 17 қиссаи нави ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо интихоб карда шуд. Корҳои аксбардории ҷабрдидагони шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо анҷом дода шуд, аз ҷумла вобаста ба 17 парванда маълумотҳои фактологӣ (далелҳо), ки дар намоиши аксҳо пешниҳод шуданд, омода карда шуданд. Қиссаҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тарҷума карда шуданд.

Намоишҳои аксҳо 24 июни соли 2016 дар шаҳрҳои Қурғон-теппа ва Хуҷанд гузаронида шуданд, ки дар онҳо намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок карданд.

### 3.6.8. Китоби «Чанд ҳаёти сӯзонидашуда, ҷонҳои рабудашуда»

Китоби ҳуҷҷатии «Чанд ҳаёти сӯзонидашуда, ҷонҳои рабудашуда» аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» таҳия гардида дар он ҳашт ҳикояи воқеӣ дар бораи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон қисса карда шудааст. Китоб ба хотираҳои хешовандон дар бораи писарон ва шавҳарони худ, ки мавриди зӯроварӣ ва истибдоди (худсарӣ) баъзе кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор гирифтанд, бахшида шудааст.[15] Ба монеъаҳои зиёд ва интизориҳо нигоҳ накарда, онҳо ба адлу адолат боварӣ доранд ва кӯшиш менамоянд, то ки гунаҳкорон назди қонун ҷавоб гӯянд.

Соли 2016 ба китоб қиссаҳои нав дар бораи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Эътилофи зидди шиканҷа ба қайд гирифта шудаанд, илова гардид. Ба китоби нав ҳам қиссаҳо аз китоби аввала ва ҳам шаш қиссаи наве, ки дар давоми солҳои 2014-2015 ҷой доштанд, аниқтараш: қиссаҳои Абдуваҳоб Қаюмов, Парвиз Дустматов, Умар Species Бобоҷонов, Шаҳбол Мирзоев, Фирдавс Раҳматов ва Шамсиддин Зайдулоев дохил карда шуд.

Китоби «Чанд ҳаёти сӯзонидашуда, ҷонҳои рабудашуда» бо се забон (русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ) таҳия шуда дар доираи лоиҳаи «Фаъолият баҳри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» бо кӯмаку дастгирии молиявии Шӯрои Аврупо ва Идораи САҲА дар Тоҷикистон ба табъ расидааст.

### 3.6.9. Гузарондани иқдом ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон

Эътилоф дар арафаи Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки ҳар сол 10 декабр ҷашн гирифта мешавад ба диққати хонандагон китоби навкардашудаи «Чанд ҳаёти сӯзонидашуда, ҷонҳои рабудашуда»-ро[16] пешниҳод намуд. Ҳамарӯза аз 24 ноябр дар торномаи www.notorturetj.org ва саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ як қисса аз китоби мазкур гузошта мешуд. Иқдоми мазкур 10 декабр ба анҷом расид – дар ин рӯз ҳамаи қиссаҳои китоб дар шакли timeline нашр гардиданд.[17] Изҳороти матбуотӣ[18] доир ба оғози иқдом низ тариқи воситаҳои паҳнкунии маълумоти Гурӯҳи медиавӣ ирсол карда шуд.

Қиссаҳое, ки дар иқдом истифода карда шуданд: Қиссаи №1: Хуршед Бобокалонов[19], Қиссаи №2: Илҳом Исмонов[20], Қиссаи №3: Сафаралӣ Сангов[21], Қиссаи №4: Бахромиддин Шодиев[22],

---

[15] Бо матни китоб бо се забон метавонед аз истинодҳои зерин шинос шавед:

http://www.humanrts.tj/public/userfiles/Library/FULL_BOOK_web.pdf

[16] Нав кардани китоб бо кӯмаку дастгирии молиявии Шӯрои Аврупо дар доираи лоиҳаи «Фаъолият бахри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» амалӣ карда шуд

[17] http://www.notorturetj.org/news/kompaniya-14-realnyh-istoriy-o-zhertvah-pytok-zavershena-v-mezhdunarodnyy-den-prav-cheloveka

[18] http://www.notorturetj.org/en/news/press-release-14-true-stories-victims-torture-and-ill-treatment-tajikistan

[19] http://notorturetj.org/news/istoriya-no1-hurshed-bobokalonov

[20] http://notorturetj.org/news/istoriya-no2-ilhom-ismanov

[21] http://notorturetj.org/news/istoriya-no3-safarali-sangov

[22] http://notorturetj.org/news/istoriya-no-4-bahromiddin-shodiev

Қиссаи №5: Исмоил Бачаҷонов[23],Қиссаи №6: Дилшодбек Муродов[24], Қиссаи №7: Исмонбой Бобоев[25], Қиссаи №8: Ҳамзалӣ Икромзода[26], Қиссаи №9: Абдуваҳоб Қаюмов, Қиссаи №10: Парвиз Дустматов[27], Қиссаи №11: Умар Бобоҷонов[28], Қиссаи №12: Шаҳбол Мирзоев[29], Қиссаи №13: Фирдавс Раҳматов[30], Қиссаи №14: Шамсиддин Зайдуллоев[31].

Аз 24 ноябри соли 2016 якбора дар саҳифаҳои иҷтимоии Фейсбук 14 қиссаи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа бо забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ нашр гардид. Баъдан, барои дастгирии иқдом аз ҷониби агентиҳои иттилоотии шарик, ба монанди «Азия-Плюс», «Озодӣ», «Озодагон» ва «Фараж» маводҳои аудиоӣ/видеоӣ дар бораи қиссаҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа таҳия карда шуданд. Баъзеи онҳо:

Барои фарзандони мо кӣ ҷавоб медиҳад?". ВИДЕО, http://www.ozodi.org/a/victims-of-torture-stories/28161216.html

Нашри 14 қиссаи қурбониёни шиканҷа дар Тоҷикистон. http://www.ozodagon.com/28499-etilofi-ziddi-shikana-14-issai-urbonieni-shikanaro-nashr-kard.html

Аз ҷониби Эътилофи зиддӣ шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон маърака доир ба қиссаҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа оғоз карда шуд (Коалицией против пыток и безнаказанности в Таджикистане начата кампания по историям жертв пыток) http://faraj.com.tj/security/5669-slomannye-sudby-otnyatye-zhizni.html

### 3.6.10. Ташкил кардани барномаҳо дар радио ва телевизион доир ба масъалаҳои пешгирии шиканҷа

Соли 2016 **шаш барнома дар радио ва телевизион** доир ба масъалаҳои пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона ташкил ба пахш карда шуд.

*25 феврали соли 2016* директори иҷроияи "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" Дилрабо Самадова дар пахши мустақими радиои "Азия-Плюс" (107 FM), ки дар он масъалаи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва мушкилоти «дедовшина» муҳокима карда шуд, иштирок кард.

*25 феврали соли 2016* ҳуқуқшинос-мушовири "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" Отаев Қаюм дар барномаи телевизионии шабакаи "Диёр", ки ба таври мустақим пахш мешуд, иштирок кард. Дар барномаи телевизионии мазкур масъалаҳои марбут ба қайди хизмати ҳарбӣ гирифта шудани шаҳрвандон, даъват ба хизмати ҳарбӣ ва пешниҳод намудани имтиёзҳо ба шаҳрвандон муҳокима гардиданд.

*25 марти соли 2016 дар радиои «Ватан» (106 FM*) барномаи яксоата бо иштироки Гулчеҳра Раҳмонова, ҳамоҳангсози гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо, ки назди Эътилофи ТҒҲ-и зидди шиканҷа таъсис дода шудааст, баргузор шуд. Ҳамроҳи ӯ коршиноси лоиҳа – равоншинос Нафиса Юнусова ва духтур-терапевт Таҳмина Саидова баромад карданд. Ба диққати шунавандагон доир ба кори системаи расондани ёрии офиятбахшӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва аъзоёни оилаҳои онҳо ва кӣ метавонад аз чунин ёрӣ истифода намояд, маълумот дода шуд.

*15 апрели соли 2016* аз соати 10:00 то 11:00 дар радиои «Ватан» (106 FM) директори иҷроияи "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ" Дилрабо Самадова ба саволҳои шунавандагон доир ба

[23] http://notorturetj.org/news/istoriya-no5-ismoil-bachadzhonov
[24] http://notorturetj.org/news/istoriya-no6-dilshodbek-murodov
[25] http://notorturetj.org/news/istoriya-no7-ismonboy-boboev
[26] http://notorturetj.org/news/istoriya-no8-hamzali-ikromzoda
[27] http://notorturetj.org/news/istoriya-no10-parviz-dustmatov
[28] http://notorturetj.org/news/istoriya-no11-umar-bobodzhonov
[29] http://notorturetj.org/news/istoriya-no12-shahbol-mirzoev
[30] http://notorturetj.org/news/istoriya-no13-firdavs-rahmatov
[31] http://notorturetj.org/news/istoriya-no-14-shamsiddin-zaydulloev

мавзӯҳои даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбӣ посух дод. Бинобар оғоз шудани маъракаи даъвати ҳарбӣ (апрел-май) қарор карда шуд, ки мавзӯъи даъват ба хизмати ҳарбӣ дар радио такроран бардошта шавад. Барнома дар шакли “саволу-ҷавоб” ва ба таври мустақим гузаронида шуд.

25 майи соли 2016 дар радиои «Ватан» (106 FM) Наҷиба Ширинбекова, ҳамоҳангсози Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ баромад намуда ба шунавандогон доир ба сохтор ва усулҳои кори Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ маълумоти умумӣ дод. Адвокат Саймумин Кабиров вобаста ба механизмҳои миллӣ ва расмиёти ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа маълумот пешниҳод намуд. Адвокат Гулчеҳра Холматова, корманди ТҶ “Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният” доир ба амалияи ҷуброн шудани товони зарари маънавӣ ва моддӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо сухан ронд ва адвокат Дилшод Ҷураев бошад доир ба мушкилотҳои муносибати бераҳмона дар сафи қувваҳои мусаллаҳ маълумот пешниҳод кард.

*17 сентябри соли 2016 дар радиои «Ватан» (106 FM) ҳамоҳангсози лоиҳаи пешбарӣ намудани Протоколи Истамбул, корманди ТҶ “Маркази ҳуқуқи инсон” Парвина Наврӯзова баромад кард.* Дар пахши мустақим ӯ доир ба нақши кормандони тиббӣ дар ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, оид ба зарурати Протоколи Истамбул дар анҷом додани тафтишоти самараноки далелҳои мазкур маълумот дод.

## 3.7. ФАЪОЛИЯТИ МАЪЛУМОТОНӢ

### 3.7.1. Ҷаласаҳои иттилоотӣ доир ба фаъолияти Эътилоф

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ доир ба фаъолияти Эътилофи зидди шиканҷа, паҳн намудани маълумот барои тамос ҷиҳати қабули муроҷиатҳо оид ба далелҳои истифода шудани шиканҷа, ба роҳ мондани робита бо ниҳодҳои навтаъсиси адвокатӣ, инчунин ҷалб намудани шарикони иловагӣ ба фаъолият баҳри озодӣ аз шиканҷа соли 2016 як қатор ҷаласаҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд. Ҷаласаҳо дар доираи машваратҳои миллӣ дар вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ВМКБ гузаронида шуданд. Дар ҷаласаҳои иттилоотӣ аз ҷониби Эътилоф намояндагони гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ, гурӯҳи офиятбахшӣ, инчунин намояндагони ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф ва адвокатҳо ширкат варзиданд.

Ҷаласаҳо 12 ва 14 апрели соли 2016 дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппаи вилояти Хатлон, 11 майи соли 2016 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ва 19 июл дар шаҳри Хоруғи ВМКБ баргузор шуданд. Дар ҷаласаҳо адвокатон ва ҳуқуқшиносон, намояндагони қабулгоҳҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, намояндагони Шӯроҳои ҷамъиятии маҳаллии назди ВКД оид ба ислоҳоти милитсия, намояндагони ВАО ва ТҒҲ иштирок карданд.

Ҳамагӣ дар ҷаласаҳо 101 нафар иштирок карданд, аз ҷумла:

- намояндагони ВАО: 11 нафар,

- намояндагони шӯрои ҷамъиятӣ оид ба ислоҳоти милитсия: 3 нафар,

- адвокатҳо: 35 нафар,

- намояндагони марказҳои бӯҳронӣ барои ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ: 3 нафар,

- ТҒҲ: 28 нафар,

- Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ: 2 нафар,

- мақомоти давлатӣ: 5 нафар,

- намояндагони бахши академӣ: 3 нафар.

Ҷаласа дар ВМКБ бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ баргузор шуда буд: прокуратураи вилоятӣ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони тавқифгоҳи тафтишотии вазорати адлияи ҶТ.

Барномаи ҷаласаҳо дар худ маълумот доир ба фаъолияти Эътилоф, гурӯҳҳои корӣ, инчунин маълумот дар бораи намудҳои алоҳидаи фаъолият, ба монанди ҳимояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва масъалаҳои марбут ба рӯёндани товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷаро фаро мегирифт.

Дар ҷараёни муҳокимаҳо аз ҷониби иштирокчиён қайд карда шуд, ки парвандаҳо доир ба масъалаҳои истифода шудани шиканҷа масъалаи басо ҳасос мебошад ва на ҳама адвокатҳо омодаянд, ки вобаста ба масъалаи мазкур кор баранд. Роҳбарони ниҳодҳои адвокатӣ зикр намуданд, ки ба адвокатҳо омӯзондани стандартҳои анҷом додани таҳқиқи ҳолатҳои шиканҷа муҳим мебошад. Намояндагони доираи академикӣ аз муҳим будани ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ дар робита ба масъалаи шиканҷа ва гузарондани чорабиниҳои омӯзонии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳия қайд карданд.

### 3.7.2. Китобҳои киссагӣ дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда

Дар ҳамкорӣ бо Идораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон китобчаи киссагӣ дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда дар шакли саволу ҷавобҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия шуда дар ҳаҷми 500 нусха ба табъ расид. Китобчаи киссагӣ байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шахсони ба Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф ва Қабулгоҳҳои ёрии ҳуқуқии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ мурочиаткунанда, тақсим карда мешавад.

### 3.7.3. Ҷаласаҳои иттилоотӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

Ҷаласаҳои иттилоотӣ дар доираи лоиҳаи Фонди ҷамъиятии «Нотабене», «Фаъолият баҳри ҳимоя аз шиканҷа дар Қазоқистон ва Тоҷикистон» дар давраи аз 20 ноябр то 10 декабри соли 2016 барои кормандони мақомоти корҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин гузаронида шуданд:

а) пешниҳод намудани маълумоту иттилоот оид ба стандартҳои асосии ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва шахсоне, ки таҳти ҳабс нигоҳ дошта мешаванд;

б) ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҶТ дар бораи шахсони дастгиршуда;

в) фаъолияти анҷом додани мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бо мақсади пешгирӣ кардани шиканҷа (барнома дар замима)

г) фаъолият оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварии хонаводагӣ (ҳангоми ҷаласаҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд);

е) ҷараёни гузарондани ислоҳоти милитсия (ҳангоми гузарондани ҷаласаҳои иттилоотӣ дар ВМКБ).

Аз ҷониби Идораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти ҷамъиятии "Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният" бо кӯмаку дастгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ҷаласаи иттилоотӣ гузаронида шуд. Ҷаласаҳои иттилоотӣ дар ВМКБ аз ҷониби ташкилоти аъзои Эътилоф "Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир" тариқи Шӯрои ҷамъиятӣ оид ба ислоҳоти милитсия гузаронида шуданд. Дар вилояти Суғд ҷаласаҳои иттилоотӣ аз ҷониби ташкилоти аъзои Эътилоф ТҶ "Маркази ҳуқуқи инсон" бо дархости хаттии Раёсати Вазорати корҳои дохилии вилояти Суғд гузаронида шуданд.

Ҳамагӣ 18 ҷаласаи иттилоотӣ гузаронида шуд. Ҷаласаҳои иттилоотӣ дар Раёсати ВКД шаҳри Душанбе, 4 шӯъбаи ВКД-и ноҳияҳои шаҳри Душанбе, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ШВКД-и шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Шуғнон ва Рушони ВМКБ, ШВКД-и шаҳрҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппаи вилояти Хатлон, шаҳрҳои Хуҷанд ва Исфараи вилояти Суғд баргузор шуданд:

- 22 ноябр РВКД шаҳри Душанбе;
- 22 ноябр ШВКД ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе;
- 23 ноябр ШВКД ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе;

- 25 ноябр ШВКД ноҳияи Синои шаҳри Душанбе;
- 25 ноябр ШВКД ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе;
- 26 ноябр ШВКД шаҳри Хоруғи ВМКБ;
- 28 ноябр ШВКД ноҳияи Шуғнони ВМКБ;
- 29 ноябр ШВКД ноҳияи Рушони ВМКБ;
- 30 ноябр ШВКД шаҳри Ваҳдат;
- 1 декабр ШВКД шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон;
- 3 декабр ШВКД шаҳри Қурғонтеппаи вилояти Хатлон;
- 5 декабр ШВКД шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд;
- 5 декабр ШВКД шаҳри Исфараи вилояти Суғд.



Алоҳида, 24-25 ноябр ду ҷаласаи иттилоотӣ барои 40 корманди шӯъбаҳои милисаи шаҳру ноҳияҳои (Ашт, Исфара, Деваштич, Бӯстон, Истаравшан, Гулистон, Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ, Зафаробод, Спитамен) вилояти Суғд ташкил карда шуд.

Ҳамагӣ дар ҷаласаҳои иттилоотӣ 434 нафар иштирок карданд, ки аз онҳо: кормандони ВКД ҶТ – 422 нафар (муфаттишон, кормандони оперативии таъқиби ҷиноятӣ, нозирони минтақавӣ, кормандони қисми навбатдорӣ ва нозироти кор бо ноболиғон, кормандони шӯъбаҳо оид ба зӯроварии хонаводагӣ), 2 намояндаи қабулгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Суғд, 2 намояндаи қабулгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Хатлон.

Ба ҳайси коршиносон-тренерҳо роҳбари шӯъбаи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ ҷаноби Ҳусниддин Нидоев ва намояндаи ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният», адвокат Гулчеҳра Холматова иштирок карданд. Дар ВМКБ ба ҳайси тренерон намояндаҳои ташкилоти ҷамъиятии «Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир», аъзоёни Шӯрои ҷамъиятӣ оид ба ислоҳоти милитсия дар ВМКБ Шукрикова Любовь ва Мамадшоев Тоҷиддин баромад карданд.

Дар рафти ҷаласаҳо масъалаҳо ба монанди тартиби анҷом додани боздошт, фаҳмондадиҳии ҳуқуқҳои шахсони боздошташуда, дар китоби бақайдгирӣ сабт шудани шахсони боздошташуда, масъалаҳои марбут ба шаҳодаткунонии тиббӣ, расмиёти тартиб додани протоколи дастгиркунии шахс ва ғайра мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Тағйироту иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонун “Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда” аз соли 2016 мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Тағйироту иловаҳои мазкур ба қонунгузорӣ бо мақсади иҷро шудани тавсияҳои мақомоти СММ қабул карда шуда ҷиҳати бартараф кардани монеъаҳое, ки сади роҳи пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар системаи адолати ҷиноятии Тоҷикистон истодаанд равона карда шудаанд. Тибқи тағйиротҳои ба КМҶ воридгардида, махсусан пешбинӣ шудааст, ки пеш аз ҷойгир кардани шахси гумонбаршуда ба ТНМ бо мақсади муайн кардани вазъи саломатии ӯ ташхиси ҳатмии тиббӣ анҷом дода шавад. Бо вуҷуди ин адвокат метавонад талаб намояд, ки ташхиси тиббӣ аз ҷониби коршиноси мустақил анҷом дода шавад.

Намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ Нидоев Х. бо маърӯза доир ба таҷрибаи гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, хусусан оид ба мониторинги тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатии ВКД ҶТ ва тавқифгоҳи Вазорати адлияи ҶТ баромад кард. Ӯ дар баромади худ инчунин масъалаҳои марбут ба фаъолияти Ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, аз ҷумла тартиби аз ҷониби аъзоёни гурӯҳи

мониторингӣ андешида шудани тадбирҳо ҳангоми пешниҳод шудани аризаҳо оид ба истифода шудани шиканҷа дар ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодиро зикр намуд.

Дар ВМКБ иштирокчиёни семинарро бо ҷараёни ислоҳоти милитсия шинос карданд. Ба онҳо инчунин дар бораи стандартҳои асосии байналмилалии дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ анҷом додани амалиёти дастгиркунӣ ва таҳти ҳабс нигоҳдорӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба озодӣ ва манъи боздошти худсарона, ҳуқуқ ба огоҳ карда шудан оид ба сабабҳои дастгиркунӣ ва ҳама гуна айбдоркуниҳо, ҳуқуқ ба огоҳ карда шудан оид ба ҳуқуқҳои худ, ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ то оғози суд, ҳуқуқ ба вақт ва имкониятҳои кофӣ барои омода шудани ҳимоятгар, ҳуқуқ ба бидуни воситаҳои алоқа намондан, ҳуқуқ ба шикоят овардан аз рӯи қонунӣ будани дастгиркунӣ, ҳуқуқи дар мӯҳлатҳои қобили қабул анҷом дода шудани мурофиаи судӣ ва ғайра маълумот дода шуд.

Диққати иштирокчиён, инчунин ба талаботҳои қонунгузории миллӣ дар бахши ӯҳдадориҳои шахсони мансабдор доир ба истифода намудани силоҳ ва нигоҳ доштани тартибот бояд аз стандарт ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, ба монанди «Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботӣ ҳуқуқӣ», «Маҷмӯи принсипҳои ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки дар ҳама гуна шакл мавриди боздошт ё ҳабс қарор мегиранд» истифода намоянд, равона гардида буд.

Иштирокчиён мехостанд доир ба фаъолияти Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон маълумот гиранд. Доир ба таҳқиқи ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва ҷинояти шиканҷа чӣ гуна тасниф (муайн кардан) карда мешавад, саволҳои зиёд дода шуд. Иштирокчиён масъалаҳои марбут ба шарту шароитҳои кори кормандони мақомоти корҳои дохилро ба миён гузоштанд. Дар рафти муҳокимаҳо диққати тренеронро ба он ҷалб намуданд, ки роҳбарияти ВКД ҶТ ба масъалаҳои пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар системаи ВКД аҳамияти калон медиҳад, масъалаи мазкур қариб ки дар тамоми ҷаласаҳои роҳбарият бо кормандони ВКД бардошта мешавад.

Дар ВМКБ ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои марбут ба риояи ҳуқуқҳои инсон ҳангоми анҷом додани амалиёти боздошт, дастгиркунӣ, ҳабс, ҳуқуқҳои дастгиршуда дар доираи Дастурамали муштараки дастгиркунӣ иштирокчиён бештар фаъолнокӣ нишон медоданд. Дар рафти муҳокимаҳо муайян карда шуд, ки онҳо пурра бо талаботҳои қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои риояи ҳуқуқҳои инсон ҳангоми анҷом додани амалиёти дастгиркунӣ ё ҳабс шинос набуданд. Дар ҳамаи ҷаласаҳои иттилоотӣ ҳам роҳбарони шӯъбаҳои корҳои дохилии ноҳиявӣ ва шаҳрӣ иштирок карданд ва қайд намуданд, ки ба кормандон омӯзондани расмиёти анҷом додани амалиёти дастгиркунӣ ва стандартҳои таҳқиқи ҳолатҳои шиканҷа зарур аст. Дар рафти муҳокимаҳо муайян карда шуд, ки тақрибан қисми зиёди иштироккунандагон аввалин маротиба дар чунин чорабиниҳо ширкат варзидаанд.